# Маргу зиндагӣ

(مرگ وزندگی)

Муаллиф
**Саид Қутб**

Тарҷума ва нигориш
**Нурмуҳаммад Умаро**

Тақдим ба:

Баҳои озодӣ...

Қатраи хун...

Ба гӯшам омад аз хоки мазоре

Ки зери замин ҳам метавон зист

*"Идаяҳо ва андешаҳоямон ҷусаҳои сарду хамуше беш нестанд...*

*Лаҳзае, ки дар роҳашон ҷон диҳем ва ё бо хунамон серобашон кунем, ҷон мегиранд ва дар канори зиндагонӣ то абад мезиянд...*

*Ислом муъомалаест байни ду шахс... Парвардигори якто муштариаст ва мӯмин фурушанда... байъатест бо Худо, ки пас аз он мӯминро ҳеҷ ҳаққе дар ҷону молаш нест... то номи Худо бар ҳама номҳо ғолиб гардад ва дини Худо бар саросари гетӣ".*

*"Ангӯште, ки рӯзона борҳо ва борҳо дар намоз ба ягонагии парвардигори якто шаҳодат ва гувоҳӣ медиҳад, қабул надорад, калимае дар роҳи гардан ниҳодан бар ҳукми ситамгаре бинависад...!".*

**Сайд Қутб...**

## Дарича...

Шаб, пардаи сиёҳ ва торикашро бар ҷаҳон густаронида буд. Бӯйи талхи марг дар ҳама ҷо ба машоми мерасид. Ситораҳои дурахшони осмон, сокиту хомӯш ба дунё чашм духта буданд, Қиссаи куштор ва маргу мир барои мо такрорӣ ва бемаъно шуда буд, ту гӯйи, ки мо чупононе будем, ки ҳар рӯз галаеро ба кушторгоҳ мебурдем то қассобҳо бо кордҳои тезу бурро сарҳояшонро аз тан ҷудо кунанд... ва мо бо дидани фаввораҳои хун ва рақси лошаҳои берӯҳ, девонавор механдидем.

Аммо ин бор парешонии шадиде бар рӯҳу равон ғолиб шуда буд, чаро ки бо бедор шудани хуршед мебоист он марде, ки дилҳоямонро шикофта ва дар дохили қалбҳоямон пояи муҳаббату ишқашро бо ихлоси худ муҳкам кубида буд, ба кушторгоҳ бибарем. Табиши қалбҳоямон, дуо ва орзӯе буд: эй кош хуршед барои ҳамеша бихобад, эй кош шаб барои ҳамеша бар дунё лангар андозад.

Аммо билохира субҳидам тулуъ кард ва хуршед бо нури заъиф ва беморгунааш шаби кутоҳро аз саҳнаи вуҷуд ронд ва саргуруҳбон (раиси зиндон) ба ману ҳамкорам дастӯр дод, ки зиндониро аз сулулаш берун кашам ва ба сӯйи чуби дор бибарам.

Агар ӯро медидӣ гумон мекардӣ, ки пирамардест шикаста ва нотавон, ки қарнҳои зиндагӣ шаллоқҳои зулмро бар пайкараш навохта аст ва ҳар гиз ба зеҳнат ва

ба зеҳни ҳеҷ одамӣ хутур намекард, ки марди шаштсолае бошад. Ду нафарӣ ӯро аз ҷояш баланд кардем, чашмонашро бастем ва дохили мошини сарбастае ба сӯйи чуби эъдом ба роҳ афтодем.

Вақте банди дор бар гарданаш ниҳода шуд, садои дилхароши тормузи мошине, ки ба суръати ҳайратангез сар расид, ҳамаро дар ҷо мехкуб сохт. Афсари олирутбае аз мошин поён шуд ва рост ба сӯйи мо омада дастӯр дод, ки фавран чашмҳои "Сайд"ро боз кунанд ва бандро аз гарданаш дур созанд. Он гоҳ бо чашмони ашколӯд ва садои ларзон гуфт: "Бародар Сайд! Ман ҳадяи гаронбаҳо аз тарафи раиси ҷумҳури меҳрубон ва азизамон бароят овардаам, фақат як калима ин ҷо бинавис ва ҷони худ ва дӯстонатро наҷот деҳ! Фақат бенавис: "Иштибоҳ кардам...маъзарат мехоҳам", фақат ҳамин".

Сайд чашмони соф ва нуронияшро ба сурати ӯ дӯхт ва бо лабханди зебо ва ором, монанди лабханди фариштаҳо ба ӯ гуфт: "*Ҳаргиз! Дунёи фониро бо дуруғи абадӣ нахоҳам харид*!" Афсар бо лаҳҷаи оғӯшта ба ҳузну андӯҳ ба таноби дор ишора кард ва гуфт: "Аммо Сайд.... ин марг аст!". Сайд бо оромиш ва хунсардии комил ҷавоб дод: "*Сад марҳабо ба шаҳодат дар роҳи Худо*!".

Ишораи ҷаллод пардаи суханҳоро дарид ва ҷасади Сайд ва ёронаш дар ҳоле, ки забонҳояшон оҳанги зебо ва пуртанини шаҳодат ва ваҳдонияти Худованд ва рисолати Паёбари Ҳақ "أشهد أن لا إله إلا الله وأشهد أن محمدا رســـول الله"ро замзама мекарданд, дар ҳаво овезон шуд. Ин оҳанги зебо пардаи зулмат ва торикиро аз дилҳои мо канор

зад ва ману дӯстам аз он рӯз бо хуни Сайд аҳду паймон бастем, ки роҳашро идома диҳем[1].

Марде, ки забону қалбаш ва ҳатто хунаш инсонҳоро ба сӯйи Худо даъват мекунад, дар охирин дидоре, ки аз пушти милаҳои зиндон бо хоҳараш дошт, дид ки меҳру утуфати хоҳарӣ, ашкҳои мисли марворидро бар рухсорааш ғалтонда ва донист, ки онҳо ӯро аз марги бародар тарсондаанд ва ҳоҳараш, ки рамзи суботу сабри солҳои зиндон ва шиканҷа буд, имрӯз аз тарс ба доғи бародар нишастан чунин парешон аст.

Хоҳараш аз ӯ мехост, ки бо як калима худашро аз марг бираҳонад, ҳоло он ки як ҳарф дар қомуси Сайд маънои эътироф ба тоғут ва тоғутиёни замон ва имзо намудани қавонини куфри башарӣ ва зери суол бурдани хуни шаҳидоне, ки зери тозиёнаҳои ваҳшиёни рӯзгор, ҷон доданд ва низ маънои муҳри ботил задан бар ҷиҳоду талоши даъватгарони роҳи тавҳид дошт ва Сайд қабул надошт, ки пас аз солҳои зиндагии босаъодат дар сояи Қуръон, якбора ба зери парчами туғёну ситам бихазад. Аз ин рӯ буд, ки бар синаи фиръавниён мушти "ҳаргиз" кубид.

Сайд барои ором кардани хоҳараш ин номаро, ки акнун дар дастони шумост, навишт.

Номае, ки аз дил бармехезад то бар дил нишинад

Номае, ки дарси шаҳомату шуҷоъат ба инсонҳо медиҳад...

[1] : Баргирифта аз суханони сарбозе, ки дар охирин лаҳазоти зиндагии Сайд бар пушти дарҳои оҳанини сулулаш меистод, ки дар маҷалаи "Даъват", шумораи 126, моҳи августи соли 2002 ба муносибати севушашу ним солрӯзи шаҳодати Сайд Қутб омадааст.

Номае, ки зиндагию марг ва набарди нобаробаронаи он ду душмани ташна ба хуни якдигарро ба тасвир мекашад.

Номае, ки дар воқеъ тасвирест аз ҳақиқати зиндагӣ ва марг, ки чашмон аз дидани он оҷиз мондаанд... ҳақиқати инкорнопазир... воқеъияти зинда ва фурузон..

Ин тапиши зиндаи қалбро ба ҳамаи қалбҳои зинда ва чашмони ҷустуҷӯгари ҳидоят тақдим мекунем, то тору пуди нафсҳояшонро бо нафасҳои охири Сайд ба ҳам бидӯзанд ва зиндагиро аз он ҷое шурӯъ кунанд, ки Сайд ба поён расонид, то чархи зиндагӣ ба сӯйи абадият пеш равад.

Шояд ишора ба ин нуқта лозим бошад, ки унвонҳои кӯтоҳе, ки бар ҳар тасвир мушоҳида мешавад, сохта ва пардохтаи мутарҷим аст ва агар чунон чӣ бо тасвир ва ё фаҳму салиқаи хонанда мутобиқат надошт, гуноҳашро бар мо бибахшояд ва худ ба ҷойи он, он чиро шоистатар медонад, бигзорад.

Дигар ин, ки гумони роҷеҳ бар ин аст, ки "Сайд" унвони хосе барои ин навишатааш интихоб накарда буд, аз ин рӯ бархе онро таҳти унвони "**Азвоун мин баъид**"[2] –Партавҳое аз дур- ва бархи дигар бо унвони "**Афроҳур-руҳ**"[3] –Хушиҳои рӯҳ-, чоп ва мунташир кардаанд. Аммо мутарҷим бо таваҷҷуҳ ба мавзуъоти нома унвони "**маргу зиндагӣ**"ро барои он шоистатар дид.

---

[2] : Муроҷиъа шавад ба маҷалаи "Фикр", чопи Тунис, шумораи 6 соли чаҳорум, марти соли 1959.

[3] : Чопи дори Тайба, Маккаи Мукаррама, чопи саввум, соли 1415 ҳ 1979 м.

Ва ҳамчунин пешванди суханро[4] бо тасвире аз зиндагии Сайд ва пасванди онро бо баҳсе дар фалсафаи "маргу зиндагӣ" аз дидгоҳи Сайд, зинат бахшидем ва бар ин асос рӯйи муқоба унвони "**тачума ва нигориш**" барои худ интихоб кардем, то мабодо гуфтаҳои гуҳарбори Сайд бо ҷумлаҳои норасои мо, зебоияшро аз даст диҳанд.

Фурсатро ғанимат шумурда дастони холӣ "илтимоси дуо"ро пеши шумо хонандагони муҳтарам дароз мекунем, то бо лутфи хеш мутарҷим ва муаллифро дар дуоҳоятон ёд кунед.

**Нурмуҳаммад Умаро**
**Исломобод – Покистон**
**10 муҳаррами (ошӯро) соли 1424 ҳ**

[4] : Инсоне аз раҳми Ҳаво

## Инсоне аз раҳми Ҳаво

Онон, ки бо ӯ дар канораш зистанд, ӯро насими бо сафо ва сокиту ором ва сабуру бурдбор васф мекунанд.

Ва ононе, ки ӯро хондаанд, оташи сӯзон, шамшери буррон, тири дар камон ва бомби дар ҳолати инфиҷор меномандаш.

Гуруҳе ӯро паёмоваре медонанд, ки дар торикӣ ва ҷаҳолати рӯзгор аз он сӯйи олам ҳайрону саргардони зиндагӣ ва пушти ҳамаи ҷаҳолатҳову гумроҳиҳо басон хуршеде тулӯъ кард, то бори дигар дар колбади хаста ва куфтаи миллати Исломӣ, рӯҳи умед ва зиндагӣ бидамад.

Бархе ӯро адиби тундзабон медонанд, ки сиёҳчолҳои сарду хомӯши зиндонҳои зулму ситам, ӯро ба инқилоби беравнақ ва беморгуна водошт.

Бархи дигар навиштаҳояшро тутиёи (сурма) чашмонашон мекунанд ва баландии тоқи хонаҳояшонро ба он зиннат мебахшанд ва чун дар муҷодала бо хасме ба бунбаст мерасанд, танҳо фариштаи наҷот ва калиди дарҳои бастаро дар миёни варақҳои баррони ин навиштаҳои хуфта меёбанд.

Ва бархи дигар ӯро адибе медонанд, ки зоидаи рӯзгор ва фарзанди рӯзҳои хос буд, ки вақташон сипарӣ шуда ва мебоист китобҳо ва фикрашро дар канори ҷасадаш ба хок супурд.

Ин ҳамон касест, ки дар торикиҳои рӯзҳои навҷавонӣ монанди куршапараки саросема ба ин сӯ ва он сӯ мепаридам ва дар пайи наҷот бар ҳар даре лаҳзае меистодам. Руҳаш, ки ҳаргиз зиндони танги ҷасадашро

таҳаммул накарда буд ва ҳамроҳ бо навиштаҳояш ба ҳар ҷо ба сайру саёҳат мепардохт, дасти навозиш бар сари саргардонам ниҳод, маро ба сӯйи машъали фурузони роҳи ҳидоят тела дод ва барои ҳамеша маро, мадюни бузӯргит хеш намуд.

Қазои Илоҳиро ҳол бар ин буд, ки хурҷини холии хеш баргирифта дар пайи маърифат, лангар бар соҳиле фуруд орам, ки беш аз 65 миллияти мусалмони дунё дар он ҷо гирди ҳам омаданд, то аз чашмаҳои пурбори Рисолат, тавҳид баргирифта ва шамъҳои ҳидояте шаванд барои ин миллатҳои чашмдаринтизор!

Муддати замонеро, ки бо ин гуруҳи шефтаи илму дониш сипарӣ намудам, саъй доштам, ки бо раванди вилодат ва пешрафти ҳаракати Исломӣ дар байни ин афрод ва кишварҳояшон аз наздик ошно шавам, дидам, ки ҳеҷ қавму миллате нест, ки аз партави нури ҳаракати навини Исломӣ ва агар чӣ ба миқдори андаке маҳрум гардида бошад ва ба андозаи густариши гароиши Исломӣ дар байни ин миллатҳо, номи "Сайд Қутб" дар сардафтари номҳои муслиҳини иҷтимоъӣ ва фикрии ин умматҳо дар ҳоли зинда шудан, медурахшид.

Навиштаҳои Сайд Қутб, он ҷавони фирефтаи шаҳодат ва родмарди саъодат, дарҳои бастаи умедро барои ҳамаи ин мардуми дарбанд ва асорат гушуда буд, то ҷое ки гуруҳҳои бисёр ифротӣ дар бархе аз кишварҳои Африқои ва Арабию ва Туркӣ бо камоли ифтихор бар хеш лақаби "Сайд" мениҳанд.

Бароям бисёр таъаҷҷубовар буд, ки бинем китоби тафсири "**Фи зилолил-Қуръон**"и Сайд Қутб борҳо ва борҳо ба василаи ҷамоъатҳо ва гурӯҳҳои мухталифе, ки дар кишвари Туркия бурӯз карданд, тарҷума ва чоп

шудааст то ҷое, ки ба содагӣ метавонӣ ду гурӯҳи мутазод дар афкору андешаро, ки ба ҷони ҳам мезананд ва ҳар кадом "Фи зилолил-Қуръон"и Сайд Қутбро манбаъ ва истидлоли худ медонанд!

Баъдҳо дарёфтам, ки ҳар касе Сайд Қутбро бино ба зоиқа ва мизоҷи худаш мехонад ва ҳама санги ӯро ба сина мезананд, дар ҳоле ки ӯ аз ҳама бехабар ва шояд ҳам безор аст!

Дар даврони таҳсилам дар риштаи адабиёти Араб бо Сайд Қутби адиб ва Сайд Қутби инсон ошно шудам, Сайд Қутбе, ки дар чаҳорчуби башарият аз модар зода шуда ва дар ҳамин чаҳордевори дунё пас аз кашмакашҳои бисёре ҷоми ширини шаҳодатро нушид... дар ёфтам, ки Сайд Қутби хаёлӣ он устураи наҷот ва фариштаи растагорӣ, партавест сохта ва пардохтаи дӯстони нодон ва эҳсосоти ҷӯшони ҷавонон.

Ва низ дарёфтам, ки ҳеҷ як аз инҳо Сайд Қутбро чунон, ки ҳаст дарк накарданд, на онон ки худро шогирди Сайд меноманд ва китобҳояшро бо тарҷимаҳои шикаста мебалъидам ва на ононе, ки бо лаъну нафрини ӯ, бар палаҳои қудрату сарват ва мавқеъият қадам мениҳанд.

Боре бо ҷавоне, ки ихлос ва ҷаҳолат дар ӯ омехта шуда буд бархурдам, ки мегуфт: китобҳои Сайдро беш аз шаш бор мутолиъа кардааст, ҷумлае аз Сайд зинатбахши ҳар ду ҷумла аз суханонаш аст! Ман ҳамеша ӯро бузӯрг мешумурдам, то ин ки  аз бахти саъодат, калиди забонаш рӯзе дар маҷлисе, ки шарафи ҳузӯр дар он доштам, гушуда шуд ва дар дил мегуфтам, ки "забон бикшой то бигӯям ту кистӣ!", дидам ки ҷуз номи Сайд баҳрае аз Сайд набурда! Ва чун бо ҳам

рӯзҳое сипарӣ кардем, дарёфтам, ки камбизоъатияш дар Арабӣ ӯро ба сӯйи Сайд Қутби Туркӣ кашондааст ва ҳамеша тарҷума ғайр аз китоби муаллиф мебошад, то ҷое ки гуфтаанд: "мутарҷим, яъне бузӯргтарин хоин" ва ба хусус тарҷумаи мунтаҳо пурравнақ ва ҷилобахши адабӣ ва он ҳам аз адиби варзида чун Сайд Қутб!

Ин ҷо буд, ки дарёфтам мо форсизабонон аз ин, ки дар тарҷумаи навиштаҳои Сайд Қутб чун миллатҳои дигар шитоб накарда будем, то Худованд касонеро, ки ин шоистагиро доранд, биёфарад, бисёр иштиобоҳ накарадем.

Ба ҳар ҳол, бояд дид ки Сайд Қутб кист, Сайд Қутбе, ки на бар бурҷҳои ларзони ифрот савораст ва на бо толоққои ҷангалҳои торики тафрит, ғарқ шуда аст.

## Оре... Сайд Қутби инсон

Дар яке аз рӯзҳои соли 1906 гиряи навзоде хонаводаи Ҳоҷи Иброҳимро, ки дар қаряи "Мушо" аз қаряҳои фақир ва дурафтодаи ҷануби Миср зиндагӣ мекарданд, шодмон сохт:

Ҳоҷӣ... ҳоҷӣ... муборак... мужда... писар...!

Ҳоҷӣ Иброҳим аз шиддати шодӣ даст бар ҷайбаш бурд ва ҳар чӣ дошт ӯро ба ӯ дод ва давон давон ба сӯйи ҳуҷраи хиштӣ ва гилиаш ба роҳ афтод.

Ҳоҷӣ Иброҳим ду зан дошт, ки яке аз онҳо барояш писари бузӯргаш, Муҳаммад Қутбро ба дунё оварда буд ва дигаре духтари бузӯргаш ва ҳоло ҳам Сайд Қутб ва се сол баъд духтари дигареро...

Ҳоҷӣ марди саховатманд буд, ки хонааш ҳамеша маҳали таҷаммуъи аҳли қаряи хаста аз кору рӯзгор буд

то чилим кашанд ва бо хондани танҳо рӯзномаи қаря, ки ба хонаи Ҳоҷӣ меомад, саргарм шаванд. Даме бо ҳам гап зананд ва хулоса гул бигӯянд ва гул бишнаванд.

Ҳамоно сафо ва самимияти қаря буд, ки фақрро аз ёдашон бурда буд... ва ин саховату бахшиши Ҳоҷӣ низ ҳар рӯз доираи сарваташро тангтар ва бӯйи хуши ному нишонашро парокандатар мекард... Модари Сайд Қутб бо таваллуди писараш дигар ғами фақру нодорӣ намехурд, чаро ки Сайд фардо монанди тағояш ба Қоҳира (пойтахт) меравад ва дар донишгоҳи Азҳар дарс мехонад ва метавонад дар оянда хонавода ва фомилашро раҳбарӣ кунад.

Рӯзҳои кӯдакӣ ва навҷавонӣ чун барқ сипарӣ шуд. Сайд дар хонаи тағояш дар Қоҳира сукунат дошт ва дар донишгоҳи Дорулъулум дар риштаи нақд ва адабиёт машғули ба таҳсил буд ва бо услуб ва нигориши шевояш дар маҷалаҳои сиёсӣ ва адабӣ аз қабили "**Рисола**" ва "**Ал-ливо ал-иштирокия**" қалам мезад.

Дар аввалҳои чиҳилсолагӣ Сайд буд, ки китобҳои "**Тасаввури фаннӣ дар Қуръон**"[5] ва "**Мушоҳадаҳои қиёмат дар Қуръон**"[6]и ӯ, ки ҳар ду бо вуҷуди ин, ки дар мавзуъоти Қуръонӣ буданд, вале бо номи Худо оғоз намешуданд, мунташир шуданд, ки ин амр таъаҷҷуби хонандагонро барангехт.

Имрӯз шигифтагони Сайди хаёлӣ ва ё дӯстони нодонаш ғофил аз ин, ки дар он замон ҳанӯз Сайд Қутб

---

[5] : التصـــور الفـــني في القـــرآن, бо номи Офариниши фанни дар Қуръон ва тасаввури фаннӣ дар Қуръон, тарҷума ва чопу нашр шудааст.

[6] : مشاهدة القيامة في القرآن, бо номи "Дурнамои растохез" тарҷума ва чопу мунташир шудааст.

натавониста буд аз кӯрроҳҳои ҷаҳолат ба роҳи рашодат қадам ниҳад, барояш садҳо далелу узр метарошанд!

Сайд Қутб бо вуҷуди фаҳму дониш ва дарки фарогираш, сафо ва самимият кӯдакона дошт ва ҳар гиз зери зулму ситам намерафт. Аз макру дурӯягӣ безор буд ва агар касе оташи хашму ғазабашро бармеафрухт, Сайд ӯро аз ҳам медарид... лаҳзае ором чун насим...шод чун гул... ва хандон чун булбул... ва лаҳзаи хурӯшон чун мавҷҳои дарё, дорои сафое, ки устухонҳои меҳру утуфатро дар ҳам мешиканад... ва баҳраманд аз шуълаҳои нарму зебое, ки фулодҳои дуруйиро об мекунад...

Инаст табиати шоирон ва адибон ва чунин буд Сайд Қутби адибу шоир... нармтар аз насим... буррандатар аз шамшер...

Аз маҳзари "Тоҳо Ҳусайн" адиби машҳури мисрӣ баҳраҳо бурда ва дар сангари устодаш "Аққод" бар адиби номвару машҳӯри Исломгаро "Мусатафо Содиқ Рофиъӣ" ҳуҷум бурд. Рофеъӣ ҳамон касест, ки вақте Тоҳо Ҳусайн бар зидди Ислому таълимоти волои он китобҳое навишт, ӯро бо навиштаҳои доғаш дарҳам кӯбид ва китобаш "**Зери парчами Ислом**"[7], якатози майдон ба ҷанг бо Тоҳо Ҳусайн, ки ӯро дар зери парчами шайтон медид, шитофт.

Вақте "Алӣ Тантовӣ", адиби Исломгарои Суриягӣ, дид Сайд Қутб чунин ваҳшиёна ба Рофеъӣ, аламдори майдони тавҳид метозад, қалам ба дифоъ аз ӯ бадошт ва ин ҷо буд, ки оташи хашми Сайд домангири ӯ низ шуд.

---

[7] تحت راية الإسلام :

Дар соли 1949 милодӣ Сайд бо бурсияи ҳукумати Миср дар хиёбонҳои Калифорнияи Амрико қадам мезад, он ҳама таърифҳое, ки аз Амрикои бузӯрг ва пешрафта шунида буд, имрӯз пеши чашмони Сайд сароби дуруғин беш набуд ва Амрикое, ки Сайд дид, коргоҳ ва озмоишгоҳи пурсару садои ҷаҳон буду бас! Ҷомеъаи дарҳам рехта... бо ҷаҳолатҳои пурзавқу барқи қарни бистум...

Субҳидами 13 феврали соли 1949 буд, ки Сайд пас аз шаби тӯлонӣ аз дарду беморӣ тоза пиликҳояшро барҳам ниҳода буд, ки ногаҳон бо садои рақсу пойкӯбӣ ва шодӣ ва хушҳолии ноқусҳо ва мардум, саросема аз хоб парид.

...оҳ! инҳо чӣ тавр инсонҳоянд. Имрӯз ку иди крисмас нест... ой хонуми парастор!... бубахшед, имрӯз чӣ идест?

Парастор лаҳзае ба гунаҳои кабуди ҷавони шарқӣ зал зад ва гуфт: имрӯз рӯзи шодист... имрӯз душмани сарсахти мо дар машриқзамин ба қатл расида... имрӯз Ҳасанул-банноии мисрӣ кушта шуда аст...

Ин хабар ноқуси интибоҳ ва "огоҳбош"ро дар замири Сайд ба садо даровард..., Ҳасанулбанно, раҳбари ҷамоъати Ихвонулмуслимин...! ҳамон касе, ки бо ҳамфикронаш дар кучаҳо ва бозорҳо мардумро ба масҷид даъват мекунад... ҳамон касе, ки ман аз баландой дунёи адаб ва адабиёт бо чашми ҳақорат ба ӯ менигаристам... имрӯз дар Миср кушта мешавад ва дунёи Ғарб чунин ба ваҷд меояд... ин чӣ сиррест, ки дар ӯ нуҳуфта аст? Ҳақан, ки қимати шахсро аз душманонаш бояд пурсид...!

Ҳангоме, ки зиндонҳои Миср аз Ихвонул-муслимин пур шуда буд ва дар зери тозиёнаҳои ҷаллодон парпар мешуданд, китоби "**Адолати иҷтимоъӣ**"и Сайд Қутб ба бозор тақдим шуд. Сайд китобашро ба "ҷавононе, ки аз он сӯйи олами хаёлам ба ин сӯ меоянд, ҳадя карда буд, то бо дастони пурмеҳрашон ин динро ба қуллаҳои баланди маҷду перӯзии рӯзҳои аввалаш бирасонанд. Ононе, ки камар дар роҳи Худо бастаанд ва парчами ҷиҳодро дар даст, аз ҳеҷ зулму ситаме ҳарос надоранд...". Вақте ҷавонони ҷигархуншуда ва ситамдидаи "Ихвон" ин ҷумлаҳоро хонданд, гумон бурданд, ки Сайд китобашро бо онон ҳадя намуда ва аз диёри куфр бо онон ҳамсафар шудааст.

Ин буд, ки чун Сайд Қутб аз Амрико баргашт, ӯро ба оғӯш гирифтанд... албатта Сайд тасмимашро аз қабл гирифта буд.

## Ман дар соли 1951 ба дунё омадам

Сайд бар дафтари зиндагияш то ин сол муҳри "ботил" зад ва худро зоидаи соли 1951 номид, соле ки бо корвони "Ихвонулмуслимин" ҳамсафар шуд, то ҷомиъаи гумроҳоро ба сӯйи саъодат ва хушбахтӣ раҳнамойи кунад.

Дар соли 1951 Абдулносир, сардамдори Миср, саҳнаи терори дурӯғине ба намоиш гузошт, то ба ин баҳона "Ихвонулмусилим"ро равонаи зиндонҳо кунад. Сайд бо вуҷуди садоқату дӯстии рӯзҳои донишгоҳ бо Абдулоносир ба сиёҳчолҳои носирӣ, ки ёдовари рӯзҳои зиндонҳои тафтиши ақоиди даврони сиёҳи калисоҳо буд, равона шуд.

Ҳукми эъдоми Сайд ва шаш нафар аз ҳамфикронаш: донишаманди "Абдулқодир Авда, Муҳаммад Фарғалӣ, Юсуф Талъат, Иброҳим Тайб, Ҳандовӣ Дувайр, Маҳмуд Абдуллатиф" содир шуд, ки ҳамагӣ ба чуби дор буса заданд, ҷуз Сайд, ки аз дарди бемории шадид ва хунрезии ҷигараш барои орзӯйи шаҳодат рӯйи тахти бемористон ба худ мепечид.

Ин хости Худо буд, ки чанд сабоҳе бештар бимонад, то тафсири пурарзиши "**Фи зилолил-Қуръон**"ро комил ва китобҳое чун, "**Хасоиси андешаи Исломӣ**"ро раҳнамойи миллати Ислом кунад.

Сайд дар зери тозиёнаҳои куршапаракони шабпараст ба ҳамфикронаш дарси тавҳид ва шаҳодат медод ва аз зиндон, донишгоҳе сохт, ки мардони вороста ба ҷомеъа тақдим кард.

Дар соли 1964 бо васотати Абуссалом Ориф, раиси ҷумҳури Ироқ, Сайд аз зиндон озод шуд. Абуссалом ба ӯ пешниҳод кард, ки ба Ироқ биравад ва ба унвони мушовири ӯ дарояд, аммо Сайд зери бор нарафт, чаро ки ӯ медонист суханоне, ки рӯҳи амалу ҷиҳод дар онҳо дамида нашуд, ҷавҳаре бар коғаз беш нахоҳанд монд ва мебоист бо туғёни ҷоҳилияти ҷомеъа то охирин қатраи хун набард кард.

Куршапаракони шабпараст, ки гумон мебурданд, Сайд бо ин ҳама заҷру шиканҷаи зиндон ва он ҳама бемориҳои кушанда, чанд сабоҳе бештар нахоҳад зист, натавонистанд рушноии зиндагиро дар чашмони ӯ таҳаммул кунанд, ин буд, ки бори дигар ӯро ба сиёҳчолҳои намнок ва ваҳшатнок андохтанд ва дар 29 увти соли 1966 Сайд Қутб бар таноби дор бӯса ва бар баландии пирӯзӣ лабханд зад, пирӯзии руҳу равон ба

модиён... пирӯзии ақида бар дарду ранҷ... пирӯзии имон бар фитна ва имтиҳон...

Ҳамаи инсонҳо хоҳанд мурд, аммо ҳамаи маргҳо дар худ рангу бӯйи пирӯзӣ надоранд!

Ва ҳамаи маргҳо таваллуди зиндагии абадӣ нест...!

Сайд Қутб бо хуни рангини худ бар сафҳаҳои равшани таърих, таваллудашро барои ҳамеша навишт, таваллуде, ки маргро роҳе ба сӯйи он нест!

## Кобуси марг[8]

Ҳанӯз ҳам марг лавҳаи хаёли туст ва эҳсос мекунӣ, ки дар ҳар ҷо пушти ҳамаи чиз дар камини туст. Гумон мебарӣ, ки ҳаюло ва абарқудратест, ки бар ҳамаи зиндагӣ ва зиндагон сайтара ва нуфуз дорад, ҳамчунин зиндагиро дар муқобилаш бисёр суст ва бефоида ва нотавон меёбӣ.

Ман дар ин лаҳза, назари гузоро ба ӯ меафканам ва ӯро ҷуз қудрати сусту нотавон дар муқобили азамату тавони зиндагии зебо ва пурқудрат чизи дигар наёфтам, ки коре аз дасташ сохта нест, магар ин ки дар гӯшае такя кунад, то аз пасмондаи суфраи рангини зиндагӣ чизе дӯр андозанд ва ӯ аз он лошаҳои беҳуда тағзия кунад!

Ба зиндагӣ бингар, ки чӣ бисёр дарозу пурмаъност ва дар гирду атрофи мо шодмона навои умед месарояд!... Ҳамаи чиз ба сӯйи шукуфтан ва рӯйдан ва бузургӣ ба пеш меравад... Модарон аъам аз инсон ва ҳайвон, борвар мешаванд ва мезоянд... Парандагону чарандагон ва хазандагону моҳиён бар тухми шикастаи хеш суруди зиндагӣ ва зиндагонӣ месароянд... Замин бо гулҳои зебо ва меваҳову ниҳолҳои умед бар торҳои зиндагӣ таронаи саъодат месароянд... Осмон бо қатраҳои борон борвар мегардад ва дарёҳо майдони рақсу пойкӯбии мавҷҳо мешавад... Ҳамаи чиз бар рӯйи

---

[8] : Ин навиштае, ки пеши рӯй доред, матни номаест, ки Шаҳид Сайд Қутб барои хоҳари адибаш "Омина Қутб", ирсол кардааст ва аввалин бор онро маҷалаи "Фикр", чопи Тунис дар шумораи 6 соли чаҳорум, марти 1995, таҳти унвони "Азвоун мин баъид" мунташир кардааст.

кураи хокӣ, бузӯргу бузӯргтар мешавад ва густариш меёбад!

Ҳар чанд бор лошахури маргро мебинӣ, ки ҳуҷум меоварад ва чизе ба дандон мегирад ва фирор мекунад, ё дар гӯшае ором менишинад, то луқмае аз даҳони зиндагӣ ба замин афтад ва ӯ аз он тағзия кунад!

Ва зиндагӣ бо шуҷоаът ва диловариаш шодону хандон бидуни ин, ки ба марг кучактарин таваҷҷӯҳ ва эътиное дошта бошад, роҳашро идома медиҳад!

Он гоҳ, ки марг ғофилгирона нешаш мезанад, нолае сар медиҳад ва захми сатҳӣ ва маъмулӣ бармедорад, ки зуд шифо ва дармон ёфта ва нолаи дарди ҷонашро бо хандаи шодӣ иваз мекунад ва бори дигар инсонҳову ҳайвонот, парандагону моҳиён, чарандагону хазандагон ва дарахтону гиёҳон бар рӯйи замин суруду таронаи ҳаёт ва зиндагонӣ месароянд.

Ва марг дар гӯшае нишаста ва камин гирифта, то фурсате ба даст оварад ва неше занад ва фирор кунад... ё, ки луқмаи ночиз аз даруни дандонҳои тези зиндагӣ берун парад ва аз он тағзия кунад.

Офтоб тулӯъ мекунад, хуршед пушти кухҳо ба хоб меравад. Замин ба давраш мечархад ва зиндагӣ дар ин ҷо ва он ҷо зуҳур мекунад. Ҳамаи чиз густариш меёбад. Густариш дар миқдору моҳият, дар камияту кайфият, ки агар аз дасти марг коре бармеояд, то кунун густариши зиндагӣ мутаваққиф мешуд, аммо чӣ суд, ки дар муқобили бозувони нерӯманди зиндагӣ ва қудрату тавони фавқулодааш, бисёр нотавон ва сусту ларзон менамояд.

Чаро, ки партави қудрати зиндагӣ бозтобест аз қудрат ва нерӯи волои Парвардигори тавоно.

## Зиндагии ҷовидон

Он гоҳ, ки дар чаҳорчуби хеш ва барои худ зиндагӣ мекунем, зиндагӣ бароямон бисёр кутоҳ ва суст ҷилва мекунад. Аз рӯзе, ки ёдамон меояд шурӯъ шуда ва бо поён ёфтани давраи умр ба поён мерасад.

Аммо ҳангоме, ки барои дигарон, барои ҳадафу ормон зиндагӣ мекунем, онро бисёр тӯлонӣ ва пурмаънову мафҳум меёбем, ки аз рӯзи милод колбади инсон шурӯъ шуда ва ба сӯйи бениҳоятҳо пар мекашад ва баъд аз он, ки мо аз ин замини хокӣ рахт бармебандем, идома меёбад.

Ин чунин аст, ки мо чандин баробар беш аз зиндагонии шахсиамон баҳра ва сӯд мебарем, он ҳам сӯди воқеъӣ на хаёлӣ. Бо нигориш ба зиндагӣ аз ин зовия, эҳсосамон ба рӯзҳо ва соатҳову лаҳзаҳои умрамон чандин баробар мешавад ва дигар зиндагӣ ба таъдоди солҳо нест, балки ба мизони авотиф ва эҳсосот бастагӣ дорад.

Он чиро, ки воқеъгароён ваҳму хаёл мешуморанд, дар воқеъ ҳақиқатест болотар ва бо арҷтар аз ҳамаи ҳақиқатҳои онон, зеро зиндагӣ ғайр аз эҳсоси инсон нисбат ба зиндагӣ, чизи дигар нест. Агар либоси эҳсос ба зиндагониро аз тани шахсе берун кашӣ, ӯро дар ҳақиқат аз маънои воқеъӣ зиндагонӣ лучу лухт сохтайи ва ҳар гоҳ инсон бо авотифи дучандон ва шуъӯри дучанд ба истиқболи зиндагонӣ равад, дар ҳақиқат чанд баробар зиндагӣ дар колбадаш ҷой додааст.

Ин масъала аз рӯзи равшан бароям возеҳтару равшантар аст ба тавре, ки ниёзе ба муноқаша надорад.

Ҳар гоҳ барои дигарон зиндагӣ кунем, эҳсосамон ба зиндагӣ, қудрату тавони бештаре меёбад ва ҳар андоза, ки бар ин шуъӯру эҳсос бияфзоем, дар воқеъ ба ҳамон таносуб, эҳсосамонро ба ҳаёт ва зиндагонӣ афзоиш медиҳад. Ба ин сурат аст, ки ҳақиқати зиндагонӣ беш аз беш густариш мешавад ва ҳамчун воқеъияти инкорнопазир таҷаллӣ меёбад.

## Бӯтаи саъодат ва дарахти шарорат

Тухми шарорату зишти бо суръатуи ҳаяҷонангезе мерӯяд, дар ҳоле, ки донаи хубӣ ва некӣ ором ором борвар мешавад. Аввал бо решаҳои сусту нотавон ва сатҳиаш саросема ба сӯйи осмон шоху барг мезанад, то нуру ҳаворо аз дарахти хайр бирабояд, аммо дарахти некуйи бо сабру субот, ором ором пеш меравад ва решаҳояшро мустаҳкам дар дили замин фурӯ мебарад, то камбуди ҳаво ва нурро ҷуброн кунад.

Агар мо бо диққат дар зоҳири барроқи дарахти сарбафалак кашидаи шарорат ва зиштӣ нигоҳ кунем ва ҷӯёи салобат (мустаҳкамӣ) ва бурдборӣ ва қудраташ шавем дар меёбем, ки чӣ қадар сусту нопойдор ва нотавон аст, дар ҳоле, ки дарахти некӯйи бо синаи бузӯргу оҳанин дар муқобили балоҳои рӯзгор қад баланд мекунад ва бо суботи хирагараш камари туфонро дарҳам мешиканад.

Ва бо беэътинойи аз канори хасу хорҳое, ки дарахти шарорат ба сӯяш партоб мекунад, мегузарад ва ором ором ба пеш метозад.

## Сайру сафар дар фаросӯйи дунёи қалб

Он гоҳ, ки хайру хубиро дар рӯҳу равон ва сиришти мардумон ҷустуҷӯ мекунем, ба хубиҳои бисёре бармехурем, ки чашм дар лаҳзаҳои аввал аз онҳо ғофил мондааст.

Дар воқеъ ин масъаларо ман таҷзия кардаам ва онро бар бисёре татбиқ додаам... ҳатто бар ононе, ки гумон меравад шароратпеша ва ситамгар ба дунё омадаанд ва беэҳсосу шуъур ҳастанд.

Ҳар гоҳ қатрае аз тасомуҳ ва бахшиш бар иштибоҳот ва ҳамоқатҳои онон ва миқдори муҳаббати ростин ва анадаке эҳтимому инояти содиқона ба мушкилот ва андешаҳояшонро бо сидқу ихлос ба онҳо ҳадя кунӣ, дар муқобил хоҳӣ дид, ки чӣ гуна муҳаббату дӯстӣ ва эътимодашон пеши поятон мерезанд ва бо чашмони худ ҳам ҷушиши сарчашмаи хайру некиро дар онҳо назорагар хоҳӣ буд.

Зиштӣ ва шарорат -он чуноне, ки гоҳе тасаввур мекунем ва гумон мебарем- дар даруни инсон, асолату умқ надорад, балки дар ҷилди сахтӣ, ки ба василаи он бо мушкилоти зиндагӣ барои зинда мондан бо чангу дандон ба ситез бармехезанд, лона карда, ки чун ба Худо имон оваранд ва дар амният ба сар баранд, он ҷилду пусти сахт канор мераванд, то меваи ширину хушмаза намоён гардад. Он ҳам танҳо барои касе, ки битавонад бо ҷалби эътимоду муҳаббати содиқона ва бо меҳрубонии бериё дар муқобили мушкилоту сахтиҳо ва дардҳову иштибоҳот ва ҳатто ҳамоқатҳои мардум, дили ононро ба даст овард, ба гунае, ки дар

канораш эҳсоси оромиш кунанд. Каме синаи боз доштан дар ибтидои кор, зомини таҳқиқи ҳамаи ин маворид хоҳад буд, беш аз он чӣ аксари мардум интизор доранд.

Инҳо калимаҳои бепоя ва асос нест, ки дар сароби хобу хаёл бирӯянд, балки таҷрибаи шахсии худам аст. Таҷриба кардам, ки бо қалби кушод ва синаи боз метавон ба ҳамаи он чӣ зикр шуд, даст ёфт.

## Шукуфаҳои муҳаббат

Он гоҳ, ки донаҳои муҳаббату самимият ва хайру некӣ дар қалбҳои мо мерӯянд, бисёре аз мушкилот ва сахтиҳо аз қалбамон рахт мебанданд.

Ва чун бихоҳем аз касе таъриф кунем ва мадҳу ситоиш нисораш кунем, дигар ба чоплусӣ ва тамаллуқ барнамеоем, чаро ки бо дӯстӣ ва садоқати хеш нисбат ба қалбҳояшон аз ганҷинаҳои хайру некии бисёр парда бармедорем, ки метавонем содиқона аз онҳо таърифу тамҷид кунем, зеро ҳеҷ инсоне ёфт намешавад, ки дар ӯ асаре аз хубӣ ва меҳр набошад, то бо он таҳсини дигаронро барангезад, вале мо нахоҳем тавонист ин розро кашф кунем магар замоне, ки донаҳои муҳаббат дар қалбҳоямон реша зананд.

Ва ҳар гоҳ бизри самимият ва меҳрубонӣ дар руҳу равонамон ҷилва занад, дигар лозим нест, ки бори сангини бадиҳои дигаронро бар дӯш кашем ва ё бо сабру иштибоҳот ва ҳамоқатҳояшон худро биранҷонем, чаро ки бар нотавонию сустӣ ва нақси онҳо эҳсоси тараҳҳум хоҳем кард ва диламон ба холашон хоҳад сухт ва ҳар гиз пай иштибоҳоташонро нахоҳем гирифт.

Ва қоидатан аз сангинии бори ҳақорат ва хасорати онҳо роҳат мешавем ва аз касе ҳаросе ба дил роҳ намедиҳем.

Ҳар гоҳ гулҳои некӣ дар қалбҳоямон пажмурда шаванд, бори сангин ва камаршикани ҳиқду ҳасодат бар дилҳоямон такя медиҳад ва он гоҳ, ки аз унсури итминон ва эътимод ба дигарон маҳрум бошем, тарсу ҳарос балои ҷонамон хоҳад шуд. Пас он рӯзе, ки

донаҳои муҳаббату самимият ва эътимоду дӯстии хешро ба дигарон ҳадя мекунем, дар меёбем, ки чӣ неъмати бузӯрге аз итминону эътимод ва роҳатию саъодат ва хушбахтиро ба армуғон овардаем.

## Аз мо беҳтарон!

Замоне, ки эҳсос кунем руҳамон аз дигарон поктар, қалбамон софтар, нафсамон волотар ва бартар, ақламон фаҳмидатар ва ҳушёртар аст ва чун "аз мо беҳтаронем!", аз дунёи мардум канорагирӣ мекунем, то фазои бартарии хешро бо пастии дигарон олӯда накунем, қатъан кори бузӯрге накардаем, балки содатарину асонтарин ва камхарҷтарин роҳро баргузидаем.

Бидуни тардид шоҳкори воқеъӣ онаст, ки бо рӯҳи бахшоянда ва самимӣ дар муқобили иштибоҳоту гуноҳон ва нотавониҳои мардум сабр пеша кунем ва бо онҳо даромезем, дар ҳадди тавони худ барои наҷоташон аз ботлоқи гумроҳӣ ва боло бурдани сатҳи фарҳанг ва дониши онҳо камари ҳиммат бибандем, то бо мо дар як сатҳ қарор гиранд.

Ин бадон маъно нест, ки мо аз уфуқҳои баланд даст кашем ва аз намунаҳову мафоҳим ва эътиқодоти волои саъодат ва имон ба поён лағжем ва ба чоплӯсӣ ва тамаллуқу мадҳ ва ситоиши зиштҳо ва палидиҳои онон бипардозем ва ё ба онҳо бифаҳмонем, ки мо аз онҳо волотару бартарем.

Балки бузӯргӣ ва азамати ҳақиқӣ онаст, ки бо қалби боз ва синаи кушода битавонем ин ҳама таноқузот ва

дигаргуниҳоро дар худ ҷой диҳем ва аз уҳдаи он бароем.

## Ҳама бо ҳам ва яксадо!

Ҳар гоҳ ба дараҷаи муъайяне аз қудрат боло равем, эҳсоси айбу зиштӣ аз ин, ки аз дигарон дархости кумак ва ёрӣ мекунем, дар қалбамон хафа мешавад ва аз ин, ки кумаку ёрии дигарон ҳар чанд, ки аз мо нотавонтар бошанд, сабаби расидани мо ба ин макони бартар ва мақоми воло мешавад, чизе аз мо намекоҳад ва муҷиби ҳақорат ва кучакии мо намешавад.

Он гоҳ, ки дар ҷонибе аз ҷавониби рӯҳамон сусту нотавон мешавем ва эътимод ба хешро аз даст медиҳем, мекӯшем, ки ҳар чиз ва ҳар кореро бо дастони нотавони хеш тартиб ва анҷом диҳем ва аз ин, ки аз касе ёрӣ ҷӯем ва ё касеро дар ин кор бо худ шарик ва ҳамёр созем, ибо меварзем... ё аз ин, ки мардум дарёбанд, ки мо бо ҳамкории касе бадин маротиби воло даст ёфтаем, бисёр эҳсоси ҳақорат ва пастӣ мекунем... аммо агар воқеъан мо қавӣ ва нерӯманд бошем, дигар аз ҳамаи инҳо парво надошта, дар баробарашон эҳсоси пӯчӣ ва беҳудагӣ намекунем, зеро танҳо кудаконанд, ки бо вуҷуди нотавонӣ бар роҳ рафтан, дасти ёриатро канор мезананд, то мабодо бар он такя кунанд.

Ва замоне, ки бамизони болое аз қудрату тавони руҳӣ даст меёбем, бо қалби боз ва бо руҳи саршор аз сипосу шодӣ ва хушҳолӣ ба истиқболии кумаку ёрии дигарон мешитобем.

Шукру сипос аз кумаке, ки ба мо тақдим медоранд ва шодӣ ва хушҳолӣ аз ин, ки дар ин роҳ касони дигар

низ ҳастанд, ки бо мо ҳамормону ҳамақидаанд ва метавонанд дар масъулиятҳо ва сахтии роҳ моро ёрӣ диҳанд... хушҳолӣ ва шодкомии муқаддас ва воло онаст, ки ҳангоми имтизоҷи авотифу эҳсосот ва шуъӯр ба ягонагӣ дар қалбамон тулӯъ мекунад.

## Шамъҳои ҳамешафурӯзони ҳидоят

Вақте, ки имонамон ба афкору андешаҳо ва ақидаву идеяҳоямон бузӯрг ва пухта  нест ва онҳо аз андарун ва қалбамон сарчашма намегиранд ва гӯё, ки бо мо миёнаи сатҳӣ доранд ва аз ҷонамон бароямон азизтар нестанд, саъй хоҳем кард онҳоро ба инҳисор ва тасаллути хеш дароварем ва чун дарёбем, ки касе онҳоро ба худ нисбат дода, оташи хашму ғазабамон шӯълавар мешавад ва бо тамоми қудрат талош хоҳем кард, ки онҳоро барои худ ва ба номи хеш собит нигаҳ дошта, аз дастрас ва газанди дигарон дар амон дорем.

Сафои шодкомӣ дар он аст, ки қабл аз ин, ки парвонаи зиндагии мо бо шӯълаи марг парпар шавад, бо ду чашми хеш назорагари он бошем, ки андешаҳо ва идеяҳоямон ба мулкият ва тасарруфи дигарон даромадаанд, дар он сурат аст, ки зинда хоҳем монд.

Чун эҳсос мекунем, ки пас аз хомӯш шудани шамъи зиндагиямон дар ин кураи хокӣ афкору андешаҳоямон тӯшаи роҳи дигарон хоҳанд шуд, дар қалбу ҷонамон гулҳои ризояту саъодат ва хушбахтӣ ва итминону умед шукуфта хоҳанд зад.

Фақат бозаргонону тоҷиронанд, ки бо ҳирсу тамаъ бисёр саъй доранд, равобити тиҷорати хешро аз даст надиҳанд, то мабодо дигарон аз аҷносашон сӯистифода

кунанд ва судашонро ба ҷайби худ зананд, аммо андешамандону соҳибони идеяҳову назариёт ва даъватгорон, саъодати хешро дар имони мардум ба идеяҳо ва ормонҳояшон мебинанд ва аз ин, ки афкорашон ба худашон нисбат дода нашавад ва ё бархе онҳоро ба худ нисбат диҳанд, ҳеҷ тарсу воҳимае надоранд ва бадин сурат бо шодмонӣ ва саъодат назорагари зинда мондани андешаҳояшон мешаванд, зеро онон худро соҳиби ин афкор ва андешаҳо намедонанд, балки худро фақат ва фақат ҳалқаи васл ва баёнгару равшангари онҳо ба ҳисоб меоваранд. Онон дарёфтаанд чашмае, ки аз он оби ҳаёт ва зиндагонӣ бар мегиранд, сохти худашон набуда ва дар тавлиди он ҳеҷ нақше барояшон қоил нестанд, чун хориҷ аз қудрату тавони онҳост...

Шодии муқаддасашон танҳо дар ин хулоса мешавад, ки бо дили саршор аз саъодату итминон бадон чашмаи воло вобастаанд ва бо манбаъи аслӣ иртибот доранд.

## Фаҳм... эҳсос...

Ихтилофест бузӯрг... бисёр бузӯрг... миёни фаҳмидани ҳақиқат ва эҳсос кардани он. Аввал илм асту дониш... ва дуввумӣ маърифат асту шинохт!...

Дар аввал, мо танҳо бо калимаҳо ва мафҳуми хушкашон робита дорем... ва гоҳе ҳам бо таҷрибаҳо ва натиҷаҳои ҷузъӣ... ва дар дуввумӣ бо афкору андешаҳои зинда ва эҳсосоти куллӣ...

Дар аввал, донишу маълумоте аз берун ба мо дохил мешавад ва дар гӯша ва канори ақламон бегонавор ва

ҳайрон мечарханд ва мондагор ва бойгонӣ мешаванд ва дар дуввумӣ, ҳақоиқ ва воқеъиятҳо аз дарун ва кунҳи зотамон сар берун меоварад ва ҳамон хуне, ки дар рагҳоямон ҷорӣ аст, дар шоху баргашон ҷараён меёбад ва партави нурашон бо тапиши қалбамон ҳамоҳангу ҳамсадо мешавад.

Дар аввал, маҷмуъае аз доираҳои холӣ ва унвонҳои дурушт ба чашм мехуранд: Сарлавҳаи илм бо ҳазорон шоху барг ва тақсимҳое, ки дар зери он мегунҷад..., сирри мақолаи дин бо ҳазору як бахшу қисмату дарс..., фану ҳунар бо нигаришҳо ва барномаҳо ва сабкҳои гуногунаш...!

Ва дар дуввумӣ, нерӯест ягона, ки ба қудрату тавони ҷаҳон ва табиъати бузӯрг вобастааст... ва ҷӯйборест равон ва хушкношуданӣ, ки аз чашмаи асолату манбаъи аслӣ сарчашма мегирад!...

## Машъалдори ҳидоят

Мо ба мутахассисоне дар риштаҳои мухталифи улуми инсонӣ ва таҷрибӣ ниёзи мубрам дорем, ононе, ки дафтарҳои кор ва озмоишгоҳҳояшонро савмаъа ва ибодатгоҳу меҳроби хеш, қарор медиҳанд ва зиндагиашонро дар роҳи кашфу густариши риштаи тахассусиашон бо руҳияи на танҳо саршор аз исору гузашт, балки моломол аз лаззату саъодат фидо мекунанд, бо ҳамон рӯҳия ва шуъӯри обиди парҳезгоре, ки лабханди шодмонӣ ва саъодату хушбахтӣ бар лабонаш нақш баста ба дидори маъшуқи воқеъӣ ва танобдор меравад, то рӯҳашро ба Парвардигори якто ҳадя кунад...

Нишони марди мӯмин бо ту гӯям
Чу марг ояд, табассум бар лаби ӯст[9]

Бо вуҷуди ин мебоист дарёбем, ки инҳо афроде нестанд, ки сарнавишти зиндагиро ба даст мегиранд ва башарро ба сӯйи дарвозаи саъодату некбахтӣ раҳнамойи мекунанд ва хатти машйи ояндаашонро барояшон муайян менамоянд.

Пирони тариқат ва роҳомӯзони ҳақиқат, ҳамвора касоне буданд ва хоҳанд буд, ки аз қудрати рӯҳии болое бархурдор буданд, ононе, ки ҳомили шӯълаи муқаддасе ҳастанд, ки ҳамаи зарраҳои маърифат дар ҳарорат ва гармии он завб (об) мешавад ва дар партави рӯшноияш корвонҳои башар ҳидоят меёбанд, корвоне, ки тӯшааашон аз ҳамаи ин мавоҳиб ташкил ёфта ва нерӯмандона бо қадамҳои устувор ва шитобон ба сӯйи ҳадафи воло ва бузӯрг ва дурдаст дар ҳаракатанд.

Роҳомӯзон ва раҳбарони воқеъӣ касоне ҳастанд, ки бо басирати хеш ҳамоҳангӣ ва ягонагии фарогирро, ки дар зоҳир мутаъаддиду пароканда аст, миёни донишу ҳунар ва ақидаву амал дарк мекунанд, ба гунае, ки ҳеҷ як азин гузинаҳоро таҳқир намекунанд ва барои ҳеҷ кадом аз онҳо низ ҷойгоҳи беш аз андоза қоил намешаванд.

Танҳо ва танҳо кӯтоҳфикрону ва фурӯмоягонанд, ки гумон мебаранд дар байни ин қудратҳои ба зоҳир мутаъаддид ва пароканда, таъоруз ва ноҳамоҳангиҳое вуҷуд дорад. Аз ин рӯст, ки бо силоҳи дин ба ҷанги илм мешитобанд, ё ки бо силоҳи илм ба набард бо дин бармехезанд. Ҳунарро бо шиъори кору талош сар

[9] : Шеър афзудаи мутарҷим аст.

мебуранд ва ҷунбуҷӯш ва зиндагониро ба номи тасаввуф ва зуҳддорӣ дор мезананд, чаро ки онон ҳар қудрат ва нерӯе аз ин нерӯҳои муфидро ҷудо аз соири нерӯҳо мепиндоранд, ғофил аз ин, ки инҳо ҳама аз якҷо сарчашма мегиранд, аз он қудрати бениҳоят бузӯрги, ки ҳамаи ҳастӣ таҳти тасаллути ӯст.

Аммо раҳбарони бузӯргвор ва пешравони воқеъӣ, ин ҳамоҳангиро дарк мекунанд, зеро онон бо он чашмаи асолат ва покӣ ва манбаъи аслӣ дар иртибот ҳастанд ва аз он ҷо фармон мегиранд.

Теъдоди онон кам аст. Дар таърих башар бисёр андаканд, оре бисёр нодир ва камёбанд. Аммо бо вуҷуди ин кифоят мекунанд. Бинобарин он қудрати пойдоре, ки ин ҷаҳонро офарида ва сарнавишти он дар дастони тавонои ӯст, ононро ба беҳтарин шакл меофаринад ва дар мавқеъияти муносиб ба ҷомеъаи башарӣ ҳадя мекунад.

## Ақли ҳайрон дар офоқи бениҳоятҳо

Таслими маҳз дар баробари қудратҳои ғайбӣ ва нерӯҳои хаёлӣ ва ношинохта, хатарест бисёр бузӯрг, зеро ба хурофот ва ваҳмҳо мунтаҳӣ мешавад ва зиндагиро ба тепаҳои бузӯрг аз хаёлоту хурофот табдил мекунад, ба тавре, ки ҳақиқат дар кураи роҳҳои он гум мегардад.

Аммо пушти по задан ба имон ба ғайб ва дунёи пинҳон ҳам хатараш камтар аз он нест, чаро ки бар равзанаҳои маҷҳул ва ҷаҳони пинҳон қуфл мезанад ва ҳамаи қудратҳои пинҳони ва номаҳсусро, ки дар маҷоли идрок ва ҳиссамон намегунҷад ва ё дар марҳала

ва замоне қудрати тасаввурашонро надорем, инкор мекунад! ва бадин сурат аз масоҳату қудрат ва арзиши дунё мекоҳад ва онро дар доираи бисёр танг ва маҳдуди "маълум" мегунҷонид ва дар чаҳорчуби "идрок ва эҳсос" зиндонӣ мекунад, дар ҳоле, ки агар ҳамаи маълумотро бо бузургии ин коинот ва ҷаҳон муқоиса кунем, кучакӣ ва ҳақорати бениҳояти он бармало мегардад.

Зиндагии инсон бар ин кураи хокӣ, силсилаи кухҳоест аз аҷзу нотавонӣ дар муқобили эҳсос ба қудратҳо ва нерӯҳои пинҳони ҷаҳонӣ, ё силсилаи кухҳоест аз қудрати дарки ин нерӯҳо, ки бо гузашти замон ва бо бозувони нерӯманди каланди маърифату дониш, ҳар рӯз, ки инсон дар ин роҳи тӯлонӣ қадам ба пеш мениҳад, аз зери оворахои ҷаҳолат сар бурун меоваранд.

Бадеҳист қудрати ақлӣ ва бозувони тавонойи инсон, ки ҳар чанд гоҳ як бор пардаи ҷаҳолатро аз як нерӯҳои ҷаҳон, ки то лаҳзае пеш ношинохта ва фаротар аз дарку эҳсос буд, бармекашад ва онро ба воқеъияти инкорнопазир ва қобили фаҳму идрок табдил мекунад. Бедорӣ ва шукуфоии ақлу басират ва дониш ӯро дар робита бо ин, ки ҳанӯз қудратҳо ва нерӯҳои дигаре низ ҳаст, ки ҳамчунон ношинохта монда, тазмин мекунад ва ӯ чун ҳамеша дар ҳоли таҷзия ва кашф кардан аст. То кунун онҳоро кашф накардааст.

Бидуни тардид эҳтиром гузоштан ба ақлу дониши башарӣ худ ба худ металабад, ки мо дар зиндагиямон барои дунёи маҷҳул ва олами ғайб ҷойгоҳе қобил бошем, на ин ки ҳамчун хурофапарастон ва ваҳмгароён, зимоми умури хешро ба дасти ғайб биспорем, балки ба ин манзур, ки бо ақле, ки ба ғайб имон дорад, азамату

бузургии ин ҷаҳонро он чунон, ки ҳаст дарёбем ва манзалату ҷойгоҳи хешро дар ин ҷаҳон густарда ва паҳновар дарк кунем. Дар воқеъ аз ин роҳ аст, ки дарҳои бисёре аз донишу маърифат ва дарки авотиф ва эҳсосоте, ки моро бо ҷаҳон пайванд медиҳад, фарорӯйи рӯҳи инсон гушуда мешавад.

Қатъан ин мавзӯъ аз ҳама он чӣ, ки то имрӯз бо ақлҳоямон дарёфтаем, амиқтар ва васеътар аст, ба далели ин ки мо ҳар рӯз бо вуҷуди истимрори гардиши чархи зиндагиамон, чизи ҷадиде аз дунёи маҷҳул кашм мекунем.

## Бодкунакони (пуфак) сармаст

Дар ин даврон аз ҳам гусехтагии ақлӣ ва равонӣ, иддае аз мардум гумон мебаранд, эътироф ва иқрор кардан ба бузургии мутлақ ва қудрати номаҳдӯди Худованди мутаъол, мутародиф бо таҳқири инсон ва тасвири пастии ӯ дар ҷаҳони паҳновар аст. Гӯё ки онон Худованд ва инсонро чун ду дӯшман мепиндоранд, ки бо ҳам дар рақобатанд ва ҳар як мехоҳад бо саъйю талоши бештар, қудрату нерӯйи ҷаҳониро аз чанги дигаре бирбояд.

Ман эҳсос мекунам, ки ҳар андоза мо ба бузургӣ ва азамати волои Парвардигори оламиён беш аз пеш пай бибарем, ба ҳамон андоза дар худамон эҳсоси бузургӣ ва иззат хоҳем кард, чаро ки мо парвардаи он Парвардигори бузургем.

Ононе, ки гумон мекунанд бо инкори Худованд ва кучак шумурдани ӯ, худашонро боло мекашанд, афроди ночизанд, ки ҷӯз нуки биниашон чизе ва ё ҷойи дигарро намебинанд.

Онон мепиндоранд, ки инсон он гоҳ, ки дар домҳои нотавонӣ ва сустӣ гирифтор шуда, даст ба сӯйи Худо дароз кардааст, аммо акнун қудрати башар ба ҳадде густариш ёфта, ки ниёзе ба Худованд надорад. Гӯё дар назари онон аҷзу нотавонӣ, дарвозаи ақлу донишро мегушояд ва қудрату нерӯ бар он муҳри ҳамоқат мезанад.

Шоиста аст, ки инсон ҳар чӣ бештар қудрату тавон меёбад, беш аз пеш ба қудрату азамати Парвардигор пай бибарад, чун ҳар вақт, ки қудрати дарку фаҳми ӯ

густариш ёбад, ба сарчашмаи ин қудрату тавон пай хоҳад буд.

Мӯминони воқеъӣ, ононе, ки ба қудрат ва азамати мутлақи Офаридгор имон доранд, ҳар гиз эҳсоси нотавонӣ ва кӯчакӣ намекунанд, балки ҳамвора эҳсоси иззату сарбаландӣ мекунанд, чун бар нерӯе, ки бар ин ҳастӣ мусаллат аст, такя доранд ва низ медонанд, ки майдони эътило ва азаматашон дар ҳамин кураи хокӣ ва дар миёни мардум аст ва бо бузургии мутлақи Парвардигор дар ин ҷаҳон ҳеҷ гуна таъоруз ва тазоде надорад ва онҳоро пуштибонест қавӣ ва нерӯманд, ки аз имони ростинашон сарчашма мегирад.

Аммо ононе, ки чун болун (пуфак) дар худ медамиданд  ва чашмони пуфкарда ва варамзадаашон партави нури ҷаҳонро намебинад, аз ин нерӯ ва такягоҳ ва озодманишӣ маҳруманд.

## Озодӣ

Гоҳ гоҳе бардагӣ дар пушти ниқоби озодагӣ паноҳ мегирад ва дар либоси раҳойи аз ҳамаи қайду бандҳо зуҳур мекунад... озодӣ аз қайду бандҳои ҷомеъа ва одобу русуми мардум, раҳойи аз масъулиятҳои инсон дар ин ҷаҳон.

Бояд дарёбем, ки байни раҳойи аз қайду бандҳои зиллату хорӣ ва фишору нотавонӣ ва фирор аз бори масъулиятҳои инсонӣ, фарқи асосӣ вуҷуд дорад:

Аввал, яъне озодагӣ ва озодманишӣ ва дуввумӣ, яъне шона холӣ кардан аз усул ва он чӣ, ки инсонро ба маротиби волойи инсоният расонида ва ӯро аз зери бори сангини пастӣ ва ботлоқи ҳайвоният раҳонидааст.

Дар воқеъ озодии ниқобдор ҳамин аст, чӣ ки ҳақиқати он ҷӯз бардагӣ ва бандагӣ дар муқобили шаҳватҳои ҳайвонӣ, чизи дигаре нест. Шаҳватҳое, ки башарият умри тӯлонии хешро дар роҳи мубориза бо онҳо ва решакан сохтани қайду бандҳои кушанда ва пора кардани занҷирҳои бузурге сипарӣ намуда, то ба ин тариқ бо озодӣ ва озодагии инсонӣ ва асил шарафёб шавад.

Ростӣ чаро инсон аз зоҳир кардан ва буруз додани ниёзҳояш шарм меварзад? Чун ӯ бо фитрат ва замири хеш дарёфта, ки бо вуҷуди ин ниёзҳо расидан ба зинаҳои болойи инсоният, аввалин мартаба ва шиносномаи инсоният аст ва раҳойи аз қайду банди ин эҳтиёҷоти фитрии ҳамон озодагии ҳақиқи аст ва пирӯзии бархостаҳо ва хоҳишҳои гушту хун ва ғалаба бар тарс ва ваҳшат аз сустӣ ва нотавонӣ ва зиллат ва хорӣ, ҳар ду дар таҳқиқ ёфтани маънои инсоният баробаранд.

## Шароби муқаддас

Ман аз ононе нестам, ки ба қиссаи ормонҳои хаёлӣ ва холӣ аз афрод имон доранд. Ормон бидуни ақидаи ростин ва идеяи такондиҳанда чӣ маъное дорад?! Ва оё имкон дорад, ки ақидаи оташин ва пуё (ҷустуҷугар), ғайр аз қалби инсоне, дар ҷойи дигар бирӯяд?!

Ормонҳо ва андешаҳои хайлӣ -бидуни ақидаи такондиҳанда ва пурҷӯшу хурӯш- ҳамчун калимаҳои ту холӣ ё ҳадди аксар мафоҳими мурдаанд ва он чӣ, ки дар онҳо рӯҳи зиндагӣ медамад, гармойи тапиши имонӣ аст, ки аз қалби инсон метаровад.

Дигарон ҳар гиз ба шиъорҳо ва андешаҳое, ки дар зеҳни мунҷамид ва ё дар қалби сард нақш бастаанд, имон нахоҳанд овард.

Ту ибтидо ба фикр ва андешаат имон биёвар ва онро ба андозаи эътиқоди оташин бовар дор. Танҳо дар ин ҳолат аст, ки дигарон бо он имон меоваранд. Дар ғайри ин сурат, чизе ҷуз калимаҳои холӣ аз рӯҳу зиндаги нахоҳад буд.

Андешае, ки аз рӯҳи инсоният либос ба тан надузад ва чун мавҷуди зиндае дар шакл ва қиёфаи башар бар замин қадам назанад, ҳар гиз зинда нахоҳад монд.

Ҳамчунин фарде, ки қалбаш бо андешаҳое, ки бо имони ростин ва ихлоси содиқона онҳоро пазируфта, пур бору обод нагардад, дар олами вуҷуд ҳеҷ асту пуч.

Ҷудо кардани фикру фард ба ҷудойи рӯҳу тан, ё калимаи ва маънояш мемонад, коре ки ғолибан маҳол аст ва аҳёнан маънои фано ва завб (об шудан) шуданро дарбар дорад. Ҳар андеша ва фикре, ки зинда монда аз ҷоми хуни қалби инсоне сероб шуда ва афкору андешаҳое, ки аз шароби муқаддас нанушидаанд, дар раҳми модар хафа шуданд ва ҳаргиз қатори башариятро як гом ба пеш нарондаанд.

## Васила... ҳадаф...

Бароям бисёр мушкил аст, ки тасаввур кунам, чӣ гуна имкон дорад инсон барои расидан ба ҳадафҳо ва ормонҳои волои хеш аз васоили ҳақиру паст баҳра гирад?

Ормонҳои олӣ ва ҳадафҳои бузӯрг ҷуз дар қалбҳои бузӯргу пок реша намезананд, пас чӣ гуна имкон дорад,

ки қалби пок ба василаи палиду паст даст занад, ё ки зеҳнаш ба сӯйи он ҷалб шавад?!

Агар бихоҳем аз ботлоқи пур аз гандагӣ бигзарем, то ба соҳили саъодат бирасем, бидуни шак касофатҳои ин ботлоқ, поҳоямонро ва ҳатто заминеро, ки бар он қадам мезанем олӯда мекунад. Ҳамчунин агар аз василаи ношоиста барои расидан ба ҳадафҳоямон баҳра бигирем, олӯдагии он ба либоси рӯҳамон хоҳад часпид ва дар рӯҳу равонамон ва ҳатто дар ҳадафҳоямон, ки бадон даст меёбем, асар хоҳад гузошт.

Васила дар дунёи рӯҳ ҷӯзъе аз ҳадаф аст ва дунёи рӯҳ ин тақсимот ва ихтилофотро намешиносад.

Фитрати инсон худ ба худ агар ҳадафи поку олиро ёфт, имкон надорад, ки таҳаммулу тавони истифода ва баҳра гирифтан аз васоили пасту ночизро дошта бошад, балки фитрати покаш худ ба худ ӯро аз баҳрагирифтан аз он боз медорад.

## Ҳадаф василаро тавҷеҳ мекунад

"Барои расидан ба ҳадафҳоят аз ҳар чӣ мехоҳӣ баҳра гир!" фалсафаи бузӯрги ҷаҳони Ғарб аст!! Зеро Ғарб бо меъёри ақлаш зиндагӣ мекунад ва дар зеҳну ақл ҳам ба содагӣ метавон байни ҳадафу васила фарқҳо ва тақсимоте ёфт.

## Саъодати ростин

Бо таҷрибаи хеш дарёфтам, ҳеҷ чизе дар ин дунё бо он шодии дурахшони рӯҳ дар ҳангоме, ки битавонем ҳамнавоӣ ва ҳамдардӣ, ё саъодату хушҳолӣ, эътимод ва итминон, ё умеду орзӯ ва ё шодкомиро ба дигарон ҳадя кунем, баробарӣ намекунад.

Ин шодӣ дар воқеъ лаззати осмонии аҷибест, ки онро дар ҳеҷ чизе аз ин дунё нахоҳӣ ёфт. Партавест аз нури холиси осмон, ки дар сиришти мо метобад ва ҳеҷ подоше аз дунёи хориҷ намехоҳад, чаро ки подошро дар худ дорад.

Масъалаи дигаре дар ин ҷо вуҷуд дорад, ки бисёре аз мардум онро ба зӯр дар зери чатри ин мавзӯъ мегунҷонанд, дар ҳоле, ки ҳеҷ рабте бо он надорад... ва он иборат аст аз сипосгузории дигарон ва эътирофашон ба некиҳоямон аст.

Намехоҳам аз осори зебои эътироф ба фазли дигарон ва ташаккур аз хубиҳояшон ва аз шодие, ки дар қалби исоргарон мегузорад, чашм бипушем, аммо инҳо ҳама чизҳоест дигар ва хориҷ аз доираи шодкомии воқеъӣ.

Масъала дар инҷо хушҳолиест, ки зоидаи бозтоби қавӣ ва пурсарусадои хайр ва некист дар қалбҳои дигарон ва ин хуширо баҳоест аз он яке, зеро ин хушӣ аз ҷинси он хушии дигаре нест, ки дар лаҳзае, ки тавонем ҳамдардӣ ё ризоят, эътимод ё умед ва ё шодиеро ба дигарон ҳадя кунем ба мо даст медиҳад, балки ҳамон шодӣ ва хушҳолии холис ва покест, ки аз қалбҳоямон бармехезад ва бидуни эътимод ва ниёз ба

ҳеҷ гуна унсури хориҷие дубора ба сӯйи он боз мегардад ва подоши комили хешро низ дар даст дорад, чун аҷру подош дар хуни онҳо нуҳуфта аст.

## Вафоти кобӯси марг

Дигар аз марг ҳеҷ ҳаросе надорам, ҳатто агар ҳамин лаҳза биёяд.

Аз ин зиндагӣ баҳраи бисёр бурдаам, манзӯрам инаст, ки бадон бисёр бахшидаам.

Басо, ки фарқ ниҳодан байни гирифтан ва бахшидан бисёр мушкил аст. Охир дар дунёи рӯҳ, он дуро маъно ва мафҳуми ягонаест. Ҳар гоҳ чизе бахшидаам, дар ҳақиқат онро гирифтаам, на ин ки касе ба ман чизе дода бошад. Манзурам ин аст, ки ман ҳамон чизеро, ки бахшидам, дубора пас гирифтаам, зеро хушҳолиям нисбат ба он чӣ, ки бахшидам, камтар аз шодииононе, ки ононро гирифтанд, набудааст.

Аз марг ҳеҷ тарсу ваҳшате надорам, ҳатто агар ҳамин лаҳза фаро расад.

Дар ҳадди тавони хеш он чӣ тавонистаам, анҷом додаам. Корҳои бисёр зиёд аст, ки агар умр ба ман иҷоза диҳад, мехоҳам онро анҷом диҳам, аммо агар натавонам, ҳасрату пушаймонии қалбамро фурӯ намебарам, чаро ки дигарон анҷомаш хоҳанд дод. Ман итминони комил дорам, он кас, ки бар ин дунё назорат дорад, ҳар гиз андеша ва фикреро, ки шоистагии мондан дорад, зоеъ намекунад. Он чӣ ки ман дар назар дорам, агар шоистаи зистан аст, ҳар гиз нахоҳад мурд.

Аз марг ҳеҷ воҳима ва ҳарос надорам, ҳатто агар ҳамин холо фаро расад.

Дар ҳадди тавони хеш саъй кардам, ки неккирдор бошам. Аз иштибоҳоту хатоҳоям бисёр пушаймон ҳастам ва ҳисоби онро ба Худои бузург месупорам ва хоҳони раҳмату мағфирати бедареғаш ҳастам ва аз азобу иқобаш ҳар гиз парешон нестам, зеро ман имон дорам, ки он ҳисобест дурӯст ва подошест одилона. Ман одат кардам масъулияти он чиро, ки аз ман сар мезанад, аъам аз хайру некӣ ё гуноҳу зиштӣ, таҳаммул кунам ва аз ин, ки ҷазову подоши иштибоҳотамро дар рӯзи ҳисоб кафи дастам ниҳанд, парешон нестам.

**Сайд Қутб**

# Маргу зинадагӣ

Дар сафаҳоти пешин Сайд Қутб талош дошт хоҳарашро, ки аз ҳукми эъдоми ӯ ларза ба ҷонаш афтода буд, оромиш диҳад ва барояш тасвири зебо аз ҳақиқати маргу зиндагӣ таврсим кунад ва дар ниҳоят эълон дошт, ки аз марг ҳеҷ ҳаросу воҳимае надорад, балки бо оғӯши боз ба пешвозаш мешитобад.

Шоистааст, ин дидгоҳи идеал аз маргу зиндагиро дар навиштаҳои дигари Сайд Қутб ҷустуҷӯ кунем, то дарёбем, ки ҳақиқати ин ҳикоят чист.

Ҳикояти кобуси марг ва воҳима ва дилҳараҳое, ки дар қалбҳо ҷо дода... ва қиссаи ширини зиндагӣ, ки ҳарчанд талх намудор шавад, боз ҳам дӯст доштанист ва дар пастарин мароҳили маротиб –ҳадди ақал- аз марг, ширинтар ҷилва мекунад. Ин чӣ лаззатест, ки "сакароти мавт" ва сахтии он ва дил буридан аз дунёи зеборо дар баробари дидагони Сайд, ҳеҷу пуч қалам мезанад ва ӯро вомедорад, ки ҳамеша бадон сӯйи ин пул чашм дузад.

Барои дарки ин қазия, ибтидо шоҳкори илмии шаҳид Сайд Қутбро, ки ҳамон тафсири волойи "**Фи зилолил-Қуръон**"[10]и ӯст, варақ мезанем ва сипас ба китобаш, "**маъолим фиттариқ**"[11], назар меафканем – китобе, ки сабаб шуд Сайд ба шарафи шаҳодат ноил шавад- дар ниҳоят гушҳоямонро бо танини зебои найи

---

[10] : Дар сояи Қуръон. Ва бо унвои аслиаш, Фи зилолил-қуръон тавассути дуктур Мустафо Хурамдил тарҷума ва аз сӯйи нашри эҳсон чопу нашр шудааст.

[11] : Чароғе бар фарози роҳ, ва ин китоб низ тавассути нашри эҳсон ба номи "нишонаҳои роҳ" чоп шудааст.

Сайд навозиш медиҳем, то бароямон аз пушти деворҳои зиндон таронаи "бародарам"ро бисарояд, таронае, ки илҳомвор бар қалбҳои зиндаи асирони мӯмин, чунон нақш баста, ки дар пушти деворҳои сарди зиндонҳои хомӯш, ҳамчун суфиён ва дарвешони хонақоҳо даври ҳам ҳалқа мезананд ва бо вирдҳо ин нағмаҳои зебо асарҳои кабуди хуни ситамро аз дилҳояшон мезидоянд.

Пас аз он, ки сураи Оли Имрон аз хабосати миллатҳои ҷавру зулм парда бардошт ва макру ҳилаашонро бармало сохт ва Расули ҳақро диллорӣ дод, ки ин бӯмҳои ситам ва ҷоҳиду минкирони ҳидоят, зоидаи замонаат набуда, балки ҳамеша рӯзгори гургоне буданд, ки садди роҳи корвони ҳидоят мешуданд ва чӣ басо, ки раҳбарони роҳ ва Паёмбарони ҳақро низ дариданд.

Дар ин сиёқи ҳассос ва дар ин лаҳзаҳои навини умед, Худованди мутаъол ишораи бисёр сареҳу равшане мекунад ба ҳақиқати зинда ва пӯшида, гӣё ноқуси хатар ба ногоҳ ба садо мадарояд, ки: "эй бандаи ғофил [12]" كُلُّ نَفْسٍ ذَائِقَةُ الْمَوْتِ " ҳар инсоне мебоист аз зери пули марг бигзарад, ҳама бояд таъми маргро чӣ ширин ва чӣ талх бичашад.

Қалами устод шаҳид Сайд Қутбӣ дар зери сояи ин ояти пурнур чунин менигорад: "Ин воқеъият инкорнопазир мебоист дар қалбҳо русух кунад, ки зиндагиро дар саҳнаи ин замини хокӣ, поёнест ва дар нуқтаи поён, марг дар камин аст. Покон дар мегузаранд ва зиштон мемиранд. Муҷоҳидон ҷоми шаҳодат

[12] : Сураи Оли Имром 175. яъне "ҳар нафсе таъми маргро мечашад".

менушанд ва онҳое, ки дар хонаи саъодат ором нишастанд, мемиранд.

Ононе, ки парчами ақида ва андешон дар баландии ҳиммату иззаташон қарор гирифта, таъми ширини маргро мебоист бичашанд ва ононе, ки дар зери пойи бардагон дар хок афтодаанд, низ хоҳанд мурд. Паҳлабавони шуҷоъе, ки аз зиллату хорӣ ибо меварзад, мемиранд ва тарсончакҳое, ки ба домани палиди зиндагӣ часпидаанд ва ҳозиранд ҳар луқма онро ба ҳар қимате, ки бошад бихаранд низ ҷон медиҳанд. Соҳибони фикру андешаҳои воло ва ононе, ки дар пайи аҳдофи бузург гом мениҳанд, мемиранд ва ҳамчунин ононе, ки фақат ва фақат барои чанд лаҳзаи ҳавасронииии сусту беасоси дунё мезиянд, низ хоҳанд мурд.

Ҳамаи ин мемиранд "كُلُّ نَفْسٍ ذَائِقَةُ الْمَـــوْتِ", ҳар инсон бояд ин ҷоми талхро сар кашад ва аз ин зиндагӣ рахт бандад. Ҳамаи инсонҳо дар саркашидани ин ҷоми талх бо ҳам ҳамсафаранд ва ҳеҷ роҳи фирор ва гурезе аз он нест, аммо фарқ дар чизи дигар аст, дараҷаи гӯёйи тафовут да қимат ва баҳори дигар аст, оре дар оқибат ва сарнавишт..."[13]

Аз лобалойи ин тафсири нуронӣ, Сайд Қутб маргро қуллаи парвозе медонад, ки ҳама бояд аз баландойи он худро раҳо созанд, ононе кидар зиндагӣ ба уруҷи руҳ ва баландойи ҳиммат ва мардонагӣ бо ду боли "имон ва тақво" бар қуллаҳои сарбафалаккашидаи инсоният ва даъват ба ислоҳталабӣ ва созандагӣ бар парвоз дармеомаданд, аз он қуллаи ҳақиқати талх ба сӯйи

---

[13] : Тафсир "Фи зилолил-қуръон". Навиштаи Сайд Қутб, ҷилди 1/538, чопи 25, соли 1417 ҳ, дори Шуруқ.

биҳиштҳои баланд ба парвоз дархоҳанд омад, аммо он бечорагоне, ки дар ботлоқи ризқу барқи дунёи фонӣ ғарқ буданд, аз он ҷо ба дараҳои ҳавлноки оташи ҷаҳаннам андохта мешаванд.

Оёти сураи Нисо саъй доранд рӯҳи ҷавонмардӣ ва ҳиммати беҳамтои муҷоҳидро дар бозувонаш ба ҳаракат дароваранд. Ин оёт дар гӯши он касоне, ки замзама мекунанд, ки охиратро ба баҳои дунёи фонӣ харидаанд ва ба шавқи бедареғ дар пайи ҷоми шаҳодатанд ва ононеро, ки ғубори ночиз бар ҳимматҳои оҳанинашон дароз кашида, бо лаҳҷаи тунд мавриди сарзаниш ва итоб қарор медиҳанд, ки: чӣ шуда шуморо, ки чунин ором нишастаед? Биравед бо шамшерҳои барронатон сарҳои масти бодаи шайтонро барканед ва хуни палидашонро бар замин резед.

Ин нидои Қуръонӣ, муборизони роҳи тавҳидро тушаи роҳ мешавад, то қадам дар роҳ ниҳанд.

Аммо гурӯҳе, ки аз бими чакочаки шамшерҳои баррон дар пушти пардаҳо ба ҳамдӯхтаи хонаҳояшон ва дар зери кобусҳои ҳавлнок арақ мерезанд, ҳар гиз чунин нидоеро дарк намекунанд. Инҷост, ки сураи Нисо гӯшҳои ононро ба ҳам мемолад ва ононро бо ин ҳақиқаи талх рӯ ба рӯ месозад, ки:

"أَيْنَمَا تَكُونُوا يُدْرِككُّمُ الْمَوْتُ وَلَوْ كُنتُمْ فِي بُرُوجٍ مُّشَيَّدَةٍ"[١٤]

"Ҳар куҷо, ки бошед, марг шуморо дар меёбад, ҳатто агар дар қавитарин бурҷҳои оҳанин паноҳ гиред".

Пас тарсу ваҳшат аз марг ҳар гиз наметавонад шуморо аз ин ҳақиқат гурезонад.

[14]: Сураи Нисо 78

"Ин услуби намунаи Қуръонӣ мекушад ин ба заминдухтагонро аз пастии гилу лой берун кашад ва ба сӯйи осмонҳо уруҷ диҳад ва ҳиммати нигаристан ба мақомҳои баланди саъодатро дар онон бедор созад ва ташвиқ кунад, ки вусъату паҳнойии беҳамтои охиратро бо дунёи тангу ночиз харидорӣ кунанд ва дар ҳар ду сурат, шаҳодат ва ё пирӯзӣ ононро бо саховат ва неъматҳои бедареғи Илоҳӣ унс диҳад."[15]

"Пас аз он шамъи дигар бар меафрӯзад, шамъе ки нигаришҳо ва андешаҳоро дар баробари ҳақиқати маргу зиндагӣ равшан месозад".

"Марг бидуни ҳеҷ шакку тардиде дар лаҳзаи муъайяни хеш фаро мерасад ва ба ҷангу ситез ва сулҳу оромиш ҳеҷ рабте надорад".

"Ин чизест ва он чизи дигар ва ҳеҷ риштае ин дуро ба ҳам намедузад, аммо робитаи воқеъӣ дар онҷост... байни маргу тақдири Илоҳӣ, байни вақте, ки Худованд таъйин намуда ва байни фаро расидани он лаҳзаи муъайян".

Ин Қуръоне, ки борҳо ва борҳоба эҳтиёт ва омодагӣ ишора намуда, робитаи маргу зиндагиро танҳо бо аҷал ва қазои Илоҳӣ хулоса мекунад, то тарсу ваҳшатро аз қалбҳои буздилон биздояд.

Лаҳни сураи Анъом бар тори дигаре менавозад, паткест бар вазни ҳазорон тан, ки бар пардаҳои фулодии гушҳои золимон фуруд меояд, он гушҳое, ки аз шунидани нола ва андуҳи мазлумон кар буданд ва он дидаҳои пуфзадае, ки аз дидани хуни гулгуни бегуноҳон кӯр буданд ва он авотифу эҳсосоти сарду

[15] : Тафсири Фи зилолил-Қуръон, 2/707

хомӯше, ки аз ашки кудакони маъсуме, ки лобоси ятимиро аз дастони бераҳмашон ба тан кашиданд ва оҳи модарони доғдор ва ҳамсарони бепаноҳ ҳам натавонист онҳоро ба ҳаракат дароварад ва дар якчолҳои қалбҳояшон қатрае ашк каш кунад. Саҳнае, ки сура ба тасвир мекашад, оқибат ва сазои он золимон ва мушрикон аст, саҳнаест ки бисёр ҳавлнок ва дарднок ва пур аз андӯҳу ранҷ ва мусибат. Дар ғамароту сакароти мавт -калимаи ғамарот, сояи пурдарду ранҷи мусибати ҳавлнокро бар ҷумла густаронидааст- фариштагони азоб дастҳои пӯр аз азобу шиканҷаро ба сӯяшон дароз мекунанд ва руҳҳояшонро бо бераҳмӣ ба берун фаро мехонанд ва бо лаҳни шадид онҳоро мавриди мазамат ва сарзаниш қарор медиҳад:

"وَلَوْ تَرَىٰ إِذِ الظَّالِمُونَ فِي غَمَرَاتِ الْمَوْتِ وَالْمَلَائِكَةُ بَاسِطُو أَيْدِيهِمْ أَخْرِجُوا أَنفُسَكُمُ ۖ الْيَـــوْمَ تُجْزَوْنَ عَذَابَ الْهُونِ بِمَا كُنتُمْ تَقُولُونَ عَلَى اللَّـــهِ غَيْرَ الْحَقِّ وَكُنتُمْ عَنْ آيَاتِهِ تَسْتَكْبِرُونَ"[١٦].

сазои истикбор ва зулму ситам азобест ҳавлнок. Ин сарзаниш ва азоби бепоён, сазои дурӯғпардозӣ бар Худои оламиён аст. Саҳнае, ки бисёр ваҳшатнок, ки дарду ранҷ бар он ғолиб гашта ва ғӯса ва хашму андӯҳро дар гулӯ мепечонад ва қалбҳоро аз тапиш боз медорад.[17]

Марги ситамгорон ва золимон ғайр аз марги мӯминон аст. Зиндагии золимон партавест аз ваҳшат ва

---

[16] : Сураи Анъом 93. Таҷумаи оят чунин аст: "Агар ситамгоронро бинӣ дар он ҳангом, ки дар сахтиҳои марг фуру рафтаанд ва фариштагон дастҳои худро ба сӯйи онон дароз кардаанд ва ба онҳо мегӯянд: агар метавонед худатонро аз ин азоб Илоҳӣ раҳонед, акнун ба сабаби дуруғҳое, ки бар Худо мебастед ва аз пазириши оёти ӯ сарпечӣ мекардед, азоби хоркунандае мебинед".

[17] : Фи зилолил-Қуръон 2/1149

ноамнӣ дар либоси оромиш ва саъодати дурӯғин ва пас аз он ин саҳнаи ҳавлноки марг.

Сураи Анкабут[18] пас аз дарҳам кубидани таблиғоти мушрикон, ки басон тори бемуҳтавои анкабӯтӣ бар сари роҳи даъвати Исломӣ мебофанд ва баёни ин, ки азобу ситами мушрикон камарҳояшонро хам намуда ва ҳафтхони Рустам бар сари даъваташон ниҳода ба вусъату паҳнои бедареғ замини Илоҳӣ мутаваҷҷеҳ ва гӯшзад мекунад.

Он гоҳ, ки мӯмин қайди бандагӣ ва бардагии ғайри Худоро аз гардан мениҳад, дигар зодгоҳи азизаш чандон барояш муҳим нест ва равобити хешовандиаш ба гунае дигар таркиб меёбад. Ислом мешавад падару модар, хоҳару бародар, хешу азиз ва кор барои дин, ҳадафаш ва ормонаш саъодат дар ҷаҳони охират. Ҳоло агар дар зодгоҳаш ӯро ба танг овардаанд, замини Худо бисёр бузург аст. Дил буридан аз хонаву кошона ва шаҳру диёре, ки ҳамаи эҳсосоту авотифи ӯ бо обу хоки он омехта аст, кори содае нест ва илова бар он дар сарзамини ҳиҷрат ҳазору як бало мумкин аст дар камини ӯ бошанд... марг!... оре марг ӯро дар он ҷо ба шиддат таҳдид мекунад.

Ин ҷост, ки оёти Анкабӯт ин фаҳми нодурстро ислоҳ мекунанд. Марг воқъеиятест, ки ҷой ва макон намешиносад. Пас лозим нест ҳисоби онро дар кор овард, чаро ки сабабҳои он пушида ва дар ниҳоят истгоҳи охир он пеши Парвардигор аст. Ва дар воқеъ уруҷест ба сӯйи малакути Илоҳӣ. Онон бар саҳнаи

---

[18] : Анкабӯт 75, "كُـلُّ نَفْـسٍ ذَائِقَـةُ الْمَـوْتِ ثُـمَّ إِلَيْنَـا تُرْجَعُـونَ", "саранҷом ҳамаи инсонҳо мемиранд ва ҳар касе мазаи маргро мечашад, сипас ба сӯйи мо боз гардонида мешавед ва ҳар як ҷазо ва сазои худро мегирад".

густардаи замин ба сӯйи ӯ ҳиҷрат намудаанд ва дар ниҳоят низ ба сӯйи ӯ уруҷ мекунанд.

Онон бандагони ӯянд, ки дар дунё ва охират пуштибон ва нигаҳдорандаашон аст.

Кист, ки баъд аз ин ишораҳои Раҳмонӣ ҳанӯз қалбаш аз тарсу ваҳшат биларзад ва дар банди занҷирҳои фулодини ояндаи маҷҳули худашро ба бардагӣ бикашад?!

"Ҳадаф берӯн кашидани онон аз зиндагии ҷавру ситам ва дӯрӣ аз сарзамине, ки бо машоъири ва эҳсосоташон унс гирифта нест, балки ишораест, ба он чӣ ки барояш ҷону молашро фидо кардаанд ва ишораест ба ризояти Илоҳӣ ва он чӣ барои мӯминон дар охират муҳайё намудааст. Онон шаҳру диёрашонро раҳо мекунанд ва дар замини Илоҳӣ, густардагӣ ва паҳноии бузургтарро хоҳанд ёфт ва аз хонаву кошонаашон дил мекананд ва дар қасрҳои биҳишти баррин барояшон ҷойгузинест аз ҳамон навъ ва ба ҳамон ном, аммо дар воқеъ чизест дигар, ки бо он чӣ аз даст додаанд, ба ҳеҷ ваҷҳ қобили муқоиса нест"[19].

Сураи "Қоф" пас аз мурочиъаи сафҳаи зиндагӣ онро бармегардонад, то инсонро дар муқобили сафҳаи иҳтизор (сакароти мавт) қарор диҳад:

"وَجَاءَتْ سَكْرَةُ الْمَوْتِ بِالْحَقِّ ۖ ذَٰلِكَ مَا كُنتَ مِنْهُ تَحِيدُ" ٢٠.

Марг шадидтарин чизест, ки ҳамаи инсонҳо мехоҳанд аз чангаш ҷони солим бадар баранд ва ё кобӯсро аз хотирашон дӯр созанд, аммо касеро тавони он нест. Ин ҳақиқатест инкорнопазир, ки ҳатман рӯзе

[19] : Фи зилолил-Қуръон 5/2749

[20] : Сураи Қоф 19. "Сакороти мавт, воқеъиятро дар худ ҳамроҳ дорад.... ин ҳамон чизест, ки аз он гурехтӣ".

гулӯяшро хоҳад фишурд. Марг ҳамеша дар пайи инсон аст ва шикасту ноумедиро намешиносад ва қатъан ҳангоми фаро расидани мавъидаш а суроғи одамӣ хоҳад омад.

Дар ин ҷо ёдоварии "сакароти мавт" мӯйро бар бадан рост мекунад ва ҷонҳоро аз тарс ба ларза медарорад. Дар ин саҳна аст, ки гӯшҳо дар муқобили воқеъият боз мемонанд, ки "ذَٰلِكَ مَا كُنتَ مِنْهُ تَحِيدُ"[21].

Дар ривоятҳои саҳеҳ омадааст, ки чун лаҳзаи уруҷи Расули Акрам (с) ба сӯйи Парвардигораш фаро расид ва мебоист азин ҷаҳони  фонӣ рахт бармебаст, арақеро, ки аз шиддати сакароти мавт бар пешонии муборакаш ҷорӣ буд, пок мекарданд ва мефармуданд: "Поку муназзаҳ аст Парвардигори ягона. Савганд ба Худо, ки мавтро сакаротест". Ин ҳолати касест, ки муштоқи дидори Парвардигор хешаст ва мехоҳад ба сӯйи он зоти пок уруҷ намояд.

Ҳоло бингар, ки дигарон дар чӣ ҳолате хоҳанд буд?!!

Агар боз ба оят бингарӣ, калимаи "الحـــق" назаратро ҷалб хоҳад кард: وَجَاءَتْ سَكْرَةُ الْمَوْتِ بِــالْحَقِّ ишораест ба ин, ки дар ҳангоми марг, пардаи ғайб аз баробаи чашмони инсон канор меравад ва ҳақ дар муқобилаш возеҳу равшан ҷилвагар мешавад, он гоҳ аст, ки ҳиҷоби ҷаҳлу нодонӣ завб мешавад ва пардаи инкор дарида мешавад, аммо фоидаи -имон дар ин ҳолат мисли доруст, пас аз марги Сухроб"- дар ин лаҳза аз касе пазируфта намешавад. Он ҳақиқате буд, ки ошкоро инкораш мекарданд ва мехостанд бо нодонии хеш онро дар нутфа аз байн баранд ва акнун хору залил бо чашмони

---

[21] : Сураи Қоф 19

хеш худро дар чангаш асир мебинанд. Аммо чӣ сӯд, ки дарку шуъур ва ин гӯвоҳӣ ва шаҳодатро ҳеҷ арзише нест. Ин аввалин муштест, ки бар даҳонашон кӯбида мешавад, то онҳоро ба сӯйи азоби дардноки ҷаҳаннами сӯзон хору залил тела диҳанд.

Пас аз он, ки Сайд дар шинохти роҳ пухта шуд, асои маърифат бар дӯш гирифт ва корвони зиндигиро ба сӯйи саъодат раҳбарият кард ва "**чароғе бар фарози роҳ**"[22] ниҳод, ки бо шӯълаҳои пурфурӯғи он, насли беҳамтоеро бо барномаи роҳгушоии Қуръон тарбият карда ӯро дар масири сохтори ҷомеъаи Исломӣ тела дод ва бар баландии қуллаҳои сарбафалаккашидаи "ҷиҳод" шинонд. Он гоҳ дар ӯ рӯҳи "لا إلــه إلا الله, барномаи зиндагист" дамид ва фарҳанги Исломиро тутиёи дидагонаш қарод дод ва муҳри "*ман мусалмонам, ормонам шаҳодат*"ро бар синааш зад ва сипас ӯро бар фарози имон ба парвоз даровард, то вайро бар сари шоҳро саъодат ниҳад.

Оре Сайд танҳо роҳи наҷот ва растагориро ҳамон роҳи Асҳоби Ухдуд медонад, ки Қуръони карим дар сураи "Бурӯҷ" ба тасвир кашидааст.

Он гурӯҳе, ки ба Парвардигорашон имон овардаанд ва бо садои пурхурӯшон имон ва ақидаи холисонаи хешро ба намоиш гузоштанд ва дар ин роҳ сахтарин фитнаҳову озмоишҳо ва сахтиҳову азобҳо ва ранҷҳову шиканҷаҳои ваҳшатнокро аз золимону ситамгорон ва ҷаллодони замон бо ҷону дил пазиро шуданд. Имонашон ба чоҳҳое, ки шӯълаҳои сузони оташ дар он

---

[22] : Унвони китоби "معالم في الطريق", навиштаи шаҳид Сайд Қутб. Китоби мазкур тавассути нашри эҳсон ба номи "нишонаҳои роҳ" чоп шудааст.

фаввора мезад, ба чашми ҳақорат менигарист, чаро ки ақидаашон тавониста буд камари зиндагиро бар замин занад. Садои таҳдидҳои ҷаллодони хуношом чун вузвузи магаси ҳақир ва паст дар гӯшҳояшон танинандоз мешуд ва онгоҳ, ки шӯълаҳои сӯзони оташ ҷонҳои покашонро дар ҳам медарид, рӯҳашон биҳиштҳои барринро ба оғӯш мегирифт ва дидагонашон ба сӯйи Парвардигорашон менигарист.

"...чӣ ки ин қалбҳо занҷири бардаги дунёро аз гардан андохта буданд ва шаҳват мондан дар ин дунёи фонӣ ҳам наметавонист ҳимматҳои баландашонро залил созад ва имонашон тавониста буд, ки бар бардагӣ ғолиб ояд ва аз он баладнои пирӯзӣ ба ночиз будан ва ҳақорати замин ва заминиён бингарад".

Шӯълаҳои сӯзони оташ тавонист Асҳоби ухдудро ба хокистар табдил кунад, аммо ҳаргиз натавонист ононро аз байн бибарад, чаро ки "пирӯзӣ чизе ғайр аз ғолиб гаштани зоҳирӣ бар дӯшман аст. Қимати ва баҳои перӯзӣ дар мизони Худо ҳамон ақида ва имон аст, танҳо имонаст, ки дар бозори Худо муъомила мешавад. Волотарин мартаба ва шохистарин дараҷоти пирӯзӣ, ғалабаи рӯҳ бар модиёт аст, ғалабаи имон бар дарду ранҷ, чира шудани имон бар мамлакати пурзавқу барқи имтиҳону озмоиш. Дар ин ҷо буд, ки рӯҳи мӯминони ростин бар дарду ранҷ ва шиканҷаву азоб пирӯз шуд ва камари сусти зиндагиро бар замин зад ва чунон пирӯзие дар майдони фитна ва озмойш ба даст овард, ки башарият барои ҳамеша бадон ифтихор хоҳад варзид. Инаст пирӯзии воқеъӣ.

Ҳамаи инсонҳо ба баҳонаи мухталиф ва асбоби гуногӯн мемиранд, аммо ҳамаи онон ба чунин

пирӯзиҳое даст намеёбанд ва озодона бадон қалъаҳои саъодат пар намегушоянд. Ин ҳадяиест Илоҳӣ ва медали шаҳомат ва бузургиест, ки Худованд бар шонаҳои бархе аз мӯминон мегузорад то бо мардум дар масири марг ҳамсафар бошанд, аммо дар саъодати абадӣ, дар он қуллаҳои маҷду пирӯзӣ дар офоқи беинтиҳои биҳишти баррин, танҳо ва танҳо ононанд, ки ба сӯйи Парвардигорашон пар мекашанд ва ин гуна зиндагии хокӣ ба зиндагии абадии биҳиштиён унс мегирад ва дунё бо охират омехта мешавад.

Сарбозони ҳақ майдони муборизаро танҳо ин дунёи фонӣ намебинанд, балки ба дунё чун майдони мубориза менигаранд, ки савор бар гардбоди ҳаводиси он ба сӯйи додгоҳи адли Илоҳӣ қадам бармедоранд ва онҷост, ки дӯшман хору забун, кашон кашон ба сӯйи оташи дӯзах бурда мешавад, ва шаҳид, он ки бо хуни рангини хеш лабони арӯси маргро сурх намуд, шоду хандон ба подоши бемисолаш чашм медӯзад ва барои Парвардигораш саҷдаи шукр ба ҷо меоварад ва орзӯ мекунад, ки: эй кош! садҳо ва ҳазорҳо ҷон медошт, то онҳоро яке пас аз дигаре дар роҳат эй Парвардигорам қурбонӣ менамудам.

Ин ҷост, ки чашмони тези Сайд синаи торикӣ ва зулмати сиёҳчоли сарду ҳайрон мешикофт ва дар чеҳраи хунолӯди бародаре, ки ба милаҳои берӯҳи зиндон такя дода, нишонае аз заъф ва сустӣ мебинад, ногоҳ ҳанҷараи хушхони Сайд ба садо дармеояд ва беҳтарин суруди муқовиматро дар қасидае ба номи "أخي" –бародарам- месарояд.

Қасидае, ки марҳаме шуд бар захми мусалмонони зери юғи зулму ситами ҷаллодон дар сиёҳчолҳо ва зиндонҳои тоғутиёни замон.

Дар ин қасида Сайд милаҳо ва зинҷирҳои фиръавниёнро ҳеҷу пӯч мешуморад: "*Бародарам! Ту озодаи пушти миллаҳои зиндон... бародарам! Озодаи бо он ҳама занҷири зулму ситам"*.

*Агар бо Худоят аҳду паймон бастайи... макру ҳилаҳои бардагони –шайтон- чӣ гуна метавонад зиёнат диҳад?!*"

Ва маргро марҳалаи дигар аз мубориза медонад:

*"Бародарам! Агар бар ман ашкҳо рехтӣ ва қабрамро бо он хошеъона сероб сохтӣ, аз тикапораҳои ҷасадам шамъҳое барои сарбозон баргир (он гоҳ) ба сӯйи пирӯзӣ ва саъодат гом ниҳед*".

Ва бо оғӯши боз ба дидори марг мешитобад чаро, ки:

"*Бародарам! Агар бимирем дӯстонамонро ба огӯш хоҳем гирифт ва биҳиштҳои зебои Парвардигорамон бароямон муҳайё шудааст.*

*Ва парандагони зебои биҳишт дар атрофамон пар мегушоянд, оҳ! ки чӣ бо саъодат хоҳем буд ва он диёри ҳамешагӣ*!".

Ва маргро интиқоли масъулият медонад:

"*Бародарам! Агар ман мурдам, бидон ки ман шаҳидам ва тӯ бояд ба сӯйи пирӯзии ҷадид гом ба пеш ниҳӣ*".

Ва дар ниҳоят, ҳадаф аз маргу зиндагиро чунин бозгӯ мекунад:

"*Барои Худо ва динам интиқом мегирам ва ба роҳу равишам бо имону ихлос ба пеш меравам.*

*Ё бар ҷаҳониён пирӯз хоҳам шуд ва ё ин, ки ба сӯйи Парвардигарам мешитобам, то дар рӯйхати ҷовидон ҷовид бимонам".*

## أخي

أخي أنت حرٌ وراء السدود
أخي أنت حرٌ بتلك القيود

إذا كنت بالله مستعصما
فماذا يضيرك كيد العبيد

أخي ستبيد جيوش الظلام
و يشرق في الكون فجر جديد

فأطلق لروحك إشراقها
ترى الفجر يرمقنا من بعيد

أخي قد أصابك سهم ذليل
و غدرا رماك ذراعٌ كليل

ستُبترُ يوما فصبر جميل
و لم يَدْمَ بعدُ عرينُ الأسود

أخي قد سرت من يديك الدماء
أبت أن تُشلّ بقيد الإماء

سترفعُ قُربانها ... للسماء
مخضبة بدماء الخلود

أخي هل تُراك سئمت الكفاح
و ألقيت عن كاهليك السلاح

فمن للضحايا يواسي الجراح
و يرفع راياتها من جديد

أخي هل سمعت أنين التراب
تدُكّ حَصاه جيوشُ الخراب

تُمَزقُ أحشاءه بالحراب
و تصفعهُ و هو صلب عنيد

أخي إنني اليوم صلب المراس
أدُكُ صخور الجبال الرواس

غدا سأشيح بفأس الخلاص
رءوس الأفاعي إلى أن تبيد

أخي إن ذرفت عليّ الدموع
و بلّلت قبري بها في خشوع

فأوقد لهم من رفاتي الشموع
و سيروا بها نحو مجد تليد

أخي إن نُمتْ نلقَ أحبابنا
فروْضاتُ ربي أعدت لنا

و أطيارُها رفرفت حولنا
فطوبى لنا في ديار الخلود

أخي إنني ما سئمت الكفاح
و لا أنا أقيت عني السلاح

و إن طوقتني جيوشُ الظلام
فإني على ثقة ... بالصباح

و إني على ثقة من طريقي
إلى الله رب السنا و الشروق

فإن عافني السَّوقُ أو عَقّني
فإني أمين لعهدي الوثيق

أخي أخذوك على إثرنا
وفوج على إثر فجرٍ جديد

فإن أنا مُتّ فإني شهيد
و أنت ستمضي بنصر جديد

قد اختارنا الله ف دعوته
و إنا سنمضي على سُنته

فمنا الذين قضوا نحبهم
ومنا الحفيظ على ذِمته

أخي فامض لا تلتفت للوراء طريقك قد خضبته الدماء
و لا تلتفت ههنا أو هناك و لا تتطلع لغير السماء
فلسنا بطير مهيض الجناح و لن نستذل .. و لن نستباح
و إني لأسمع صوت الدماء قويا ينادي الكفاحَ الكفاح
سأثأرُ لكن لربٍ و دين و أمضي على سنتي في يقين
فإما إلى النصر فوق الأنام وإما إلى الله في الخالدين

## Феҳристи матолиб

Дарича.........................................................................4
Инсоне аз раҳми Ҳаво.......................................................9
Кобӯси марг.....................................................................19
Зиндагии ҷовидон..........................................................21
Бӯтаи саъодат ва дарахти шарорат.............................23
Сайру сафар дар фаросӯйи дунёи қалб...................24
Шукӯфаҳои муҳаббат...................................................26
Аз мо беҳтарон................................................................27
Ҳама бо ҳам як садо.......................................................28
Шамъҳои ҳамешафурӯзони ҳидоят..........................29
Фаҳм... эҳсос.....................................................................30
Машъалдори ҳидоят.....................................................31
Ақли ҳайрон дар офоқи бениҳоятҳо.........................33
Бодкункони (пуфак) сармаст......................................36
Озодӣ...............................................................................37
Шароби муқаддас...........................................................38
Васила... ҳадаф..............................................................39
Ҳадаф, василаро тавҷеҳ мекунад................................40
Саъодати ростин.............................................................41
Вафоти кобӯси марг.......................................................42
Маргу зиндагӣ................................................................44
أخي (бародарам).............................................................58
Феҳристи муҳтавиёт.....................................................60